آواز تاجیک

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

8 январи соли 2022
Шанбе
№ 2 (14807)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# БОЗДИДИ ПРЕЗИДЕНТ АЗ МАҶМӮИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИ ҲАРБИИ ХАД



**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, Сарфармондеҳи Олии Нирӯҳои Мусаллаҳ Шавкат Мирзиёев 7 январ бо фаъолияти муассисаҳои таълимии ҳарбии Хидмати амнияти давлатӣ шинос гардид.**

Бо қарори Президент аз 28 июни соли 2019 ҷорӣ кардани низоми нави тарбияи ҳарбию ватандӯстонаи наврасон ва тайёркунии кадрҳо барои Нирӯҳои Мусаллаҳ ва хидмати давлатӣ муайян шуда буд. Мувофиқи ин ҳуҷҷат дар таркиби вазоратҳои мудофиа, корҳои дохилӣ, оид ба вазъиятҳои фавқулодда, ҳамчунин Хидмати амнияти давлатӣ ва Гвардияи миллӣ литсейҳои ҳарбию академии «Темурбеклар мактаби» таъсис ёфтанд.

Аз ҷумла, дар ноҳияи Юнусободи пойтахт барои литсейи «Темурбеклар мактаби»-и Хидмати амнияти давлатӣ бинои нав сохта шуд.

Ба Президент маълумот дар бораи низоми таълим дар литсейи мазкури ҳарбии академӣ пешниҳод гардид.

Дар ҷараёни боздиди пешина аз муассисаи таълимӣ, ки моҳи октябри соли 2020 ба амал омад ва ҷамъомади порсолаи Шӯрои амният роҳбари давлат бобати такмил додани таълими ҳарбӣ, тарбияи ватандӯстонаи ҷавонон дар рӯҳи эҳтиром ба таърихи Ватан ва қаҳрамониҳои гузаштагони мо як қатор супоришҳо дода буд.

Ҳангоми ба роҳ мондани таълим дар литсейи «Темурбеклар мактаби» маҳз ин равандҳо ҳамчун асос қабул шуданд. Дар ин ҷо панҷ кафедра амал мекунад. Инҳо илмҳои дақиқ, фанҳои ҷамъиятиву инсонпарварӣ, забонҳои хориҷӣ, рӯҳшиносӣ ва корҳои тарбиявӣ, ҳамчунин тайёрии касбиву амалӣ мебошанд. Дар онҳо омӯзгорони баландихтисос, ки дар пояи озмуни кушод интихоб шудаанд, сабақ меомӯзонанд.

Литсей ба омӯзиши амиқи таърих ва забонҳои хориҷӣ тахассус дорад. Дар байни ҷавонон саъю кӯшиш барои дохил шудан ба ин муассисаи таълимӣ хеле зиёд аст. Дар соли таҳсили ҷорӣ аз ҷумлаи 5,6 ҳазор довталабон 100 нафар сазовортарини онҳо пазируфта шуданд. Алҳол дар литсей 220 нафар ҷавонон таълим мегиранд.

Президент синфхонаи лингофонӣ, хонаҳои ташхиси рӯҳӣ ва маънавиятро аз назар гузаронид. Дар маркази омӯзиши мероси Амир Темур бо ҷавонон суҳбат ба амал омад.

– Шумо, падару модарони шуморо бо он ки дар чунин мактаби пешқадам мехонед, табрику муборакбод менамоям. Шумо шаҳболҳои Ўзбекистони нав ҳастед. Ин болҳоро чӣ пурқувват мекунад? Дониш! Шумо бояд дусе забон, илмҳои дақиқ ва таърихи моро мукаммал донед. Мо дар ин мактаб фанни рӯҳшиносиро низ ҷорӣ намудем, онро хуб омӯзед. Шумо тамоми имкониятҳоро доред. Дар ҳамин ҷо бо толибилмони литсейҳои «Темурбеклар мактаби»-и Тошканд, Нукус, Фарғона ва Шаҳрисабз конфронси алоқаи видеоӣ баргузор шуд.

Зарурияти гузаронидани озмуни маънавият дар байни хонандагони литсейҳо, иншои тавзеҳоти илмӣ ба ҳар як тузукоти Амир Темур қайд гардид.

Роҳбари давлат ҳамчунин китобхонаи литсейро тамошо кард. Наврасоне, ки китоб мехонданд, дар бораи шароитҳои дар муассисаи таълимӣ фароҳам овардашуда ва муҳити дӯстии байни толибилмон нақл карданд. Дар байни онҳо тарбиягирандагони хонаҳои бачагона низ ҳастанд.

– Дар кишвари мо ягон кӯдак аз эътибор берун намемонад, мо барои худро зоҳир кардани ҳар кадоми онҳо шароит фароҳам меоварем. Дар оянда танҳо ҷавонҳое комёб мегарданд, ки мунтазам мехонанд, вақти худро беҳуда намегузаронанд ва соҳиби дониши зиёд мешаванд. Бузургӣ аз тариқи саъю кӯшиш, аз тариқи меҳнат ба даст меояд, – таъкид кард Президент.

Дар бинои таълимӣ, толори варзишӣ, хобгоҳ, ошхона, нуқтаи тиббии литсей шароитҳои замонавитарин фароҳам оварда шуданд. Машқгоҳи таълимӣ, майдон, ҳавз, автодром ва бозигоҳ низ ба таркиби маҷмӯъ дохил мешаванд. Боз он чиз шоистаи таъкид мебошад, ки литсейи «Темурбеклар мактаби» дар шафати Академияи ХАД ба номи Амир Темур сохта шудааст. Дар ин ҷо донишҷӯён ва толибилмон дар муҳити бародарӣ ва анъанаҳои устодиву шогирдӣ тарбия меёбанд.

Президент ҳамчунин бо шароитҳое, ки дар Академияи Хидмати амнияти давлатӣ мавҷуданд, шинос шуд.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

## Фикри депутат

# БАРОИ БЕҲТАР ШУДАНИ ҲАЁТИ ХАЛҚАМОН ТАМОМИ ИМКОНИЯТҲО ИСТИФОДА МЕШАВАНД

***Муборакбодии Солинавии Президент Шавкат Мирзиёевро ба халқи Ўзбекистон якҷо бо фарзандон, набераҳо, дар оғӯши оила бо эътибори бузург ва ҳаяҷон шунидем. Агар гӯям, ки ин табрик ба ҳамдиёронамон кайфияти дучандон, рӯҳи нав, нирӯ ва ба оянда эътимоду умед бахшид, муболиға намешавад.***

Ҳар як шаҳрванде, ки онро шунидааст, аз ин муборакбодӣ маъноҳои амиқ гирифт, дилаш аз ғуруру ифтихор саршор гардид, сараш чун кӯҳ боло шуд. Бахусус аз ҷониби Президент «Соли гиромидошти қадри инсон ва маҳаллаи фаъол» номгузорӣ шудани соли 2022-юм қалби миллионҳо нафар шаҳрвандонамонро ба ваҷд овард, агар таъбир ҷоиз бошад, ба онҳо илҳом бахшид.

Бешубҳа, чунин номгузорӣ ба соли равон аз ҳизби мо ва тамоми гурӯҳҳои дараҷаи гуногуни депутатии он, ки баҳри бо кори муносиб таъмин кардани шаҳрвандон, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, ба роҳ мондани ҳуқуқҳои асосии инсон, ҳифзи озодӣ ва манфиатҳои қонунии онҳо барин ғояҳои нек саъю ҳаракат доранд, фаъолнокии махсус тақозо менамояд.

Зеро гиромидошти қадри инсон ин таъмин сохтани ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар як шахс, манфиатҳои қонунии онҳоест, ки дар кишварамон зисту зиндагӣ мекунанд. Дар ин бобат маҳалла, ки асоси ҷамъияти мо ба шумор меравад, нақши ҳалкунанда дорад. Маҳалла осуда бошад, кишвар осуда мегардад. Маҳалла обод бошад, мамлакат обод мешавад. Чунин номгузорӣ ба соли нави мо дар ана ҳамин як ҷумла ифодаи худро пайдо мекунад.

Дар муборакбодӣ инкишоф додани шабакаҳои иқтисодиёт ва соҳибкорӣ, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ дар маркази эътибор қарор дошт, зиёд кардани даромад, музди меҳнати аҳолӣ, нафақа, стипендияҳо, афзун намудани миқдори нафақаҳо минбаъд низ идома меёбанд, ин барои бо кор таъмин кардани аҳолӣ ва аз байн бардоштани нодорӣ роҳи дуруст ва оқилона мебошад. Зеро агар ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда шаванд, ҳазорҳо нафар ҷавонон, бонувону духтарон соҳиби манбаи даромад мегарданд.

Президенти мо беҳуда гаштаву баргашта такрор намекунад, ки фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ бояд дар маркази эътибори роҳбарони тамоми дараҷаҳо қарор дошта бошад. Зеро агар одамон ҷойи корӣ дошта бошанд, даромад ба сари ҳар аҳолӣ афзояд, инсон бо мақсадҳои бузург зиндагӣ мекунад, дар оилааш оромиву осудагӣ, дар кори ӯ барака мешавад. Хеле хурсандиовар аст, ки дар мамлакати мо барои таъмин сохтани аҳолӣ бо шуғл низоми нав ба миён омада, корҳо дар ин бобат муттасил идома меёбанд.

Аз ин нуқтаи назар Ҳизби либераливу демократии Ўзбекистон ба сифати нирӯи асосии сиёсии мамлакат барои аҳолиро бо кори мувофиқ таъмин кардан, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, ба сифати пойдории муҳимтарини пешрафти иҷтимоиву иқтисодии мамлакат коҳиш додани дараҷаи бекорӣ эътибори махсус медиҳад. Ҳизб баробари ба амал татбиқ намудани барномаи солонаи бо шуғл таъмин сохтани аҳолӣ ва дастгирӣ намудани амалиёти фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, аҳолии бекор, бахусус ҷавононро барои ба кор ҷойгир кардан кумак мерасонад. Зеро соҳибкорӣ garави бо шуғл таъмин сохтани аҳолӣ мебошад!

Роҳбари давлат дар муборакбодии ҷашнии худ ба халқамон изҳор дошт, ки беш аз пеш обод кардани мамлакат, бо хонаву манзилҳои замонавӣ таъмин кардан, аз ҷумла дар тамоми ҳудудҳо барпо намудани «Мавзеъҳои Ўзбекистони Нав» аз ҷумлаи вазифаҳои асосӣ маҳсуб меёбанд, барои минбаъд ҳам фаровон ва пурмазмун гардидани ҳаёти халқамон аз тамоми нирӯ ва имкониятҳо истифода бурда мешавад. Ин дар навбати худ қонеъ сохтани талаботи рӯзафзуни халқамон ба хонаву ҷо мебошад, ин қадами муҳимест, ки барои фардо – ҳаёти фаровони оянда гузошта шудааст.

Хулоса, метавон гуфт, ки мо барои нисбат ба соли 2021-ум беҳтару самарабахштар гардидани Соли нави 2022-юм тамоми асосҳоро дорем. Зеро дар соли равон бо сарварии Президент баҳри беҳтар шудани дараҷа ва сифати ҳаёт, афзудани даромади ҳамаи тоифаҳои аҳолӣ аҳамияти махсус дода мешавад.

Ҳаёти халқи мо беш аз пеш фаровон хоҳад шуд.

**Қаҳрамон ЭРГАШЕВ, депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**




## Имрӯз – Рӯзи кормандони прокуратура

# АЗ НИҲОДИ СИЁҲКУНАНДА БА СОХТОРИ ҲИМОЯКУНАНДА

***Мо ба муносибати Рӯзи кормандони прокуратура, инчунин 30-юмин солгарди таъсисёбии Прокуратураи Ҷумҳурии Ўзбекистон бо прокурори вилоят Равшан Машарипов ҳамсуҳбат шудем.***

**– Равшан Раҷаббоевич! Нахуст бо 30-юмин солгарди таъсисёбии мақомоти прокуратура табрику таҳният мекунем. Ба Шумо ва кормандони соҳа, пеш аз ҳама, тани сиҳҳат, хушбахтии оилавӣ ва барори кор орзумандем.**

– Ташаккур! Воқеан, касби мо баробари пуршараф будан масъулиятнок ҳам ҳаст.

Бо эътибори хоссаи Сарвари давлатамон Рӯзи кормандони прокуратура эълон гардидани санаи 8-уми январ барои мо – муҳофизони қонун зуҳуроти қадрдонии баланд аст. Замоне прокуратура як ниҳоди ҷазодиҳанда, сохтори маҳкумкунанда буд. Дар натиҷаи ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ, ки тӯли солҳои истиқлол зина ба зина амалӣ мегарданд, он ба мақомоти боэътимоди мардум табдил ёфт. Фаъолияти мақомоти прокуратура барои хизмат ба манфиати халқ нигаронида мешавад.

Бахусус, тӯли панҷ соли охир дар фаъолияти мақомоти прокуратура дигаргуниҳои калон ба амал омаданд. Сарвари давлат вазифа гузошт, ки прокуратура ба "Прокуратураи халқӣ" табдил дода шавад. Имрӯз меъёри асосии фаъолияти мо ба ҳамин мизон такя мекунад. Ба ин далел масъулияти кормандони соҳа бобати таъмини устувории қонун ва таҳкими волоияти қонун афзуд.

**– Ба муносибати иди касбӣ бо собиқадорони соҳа суҳбатҳои самимӣ барпо гардиданд. Аксари онҳо дар бораи шароити имрӯза бо шавқу завқ сухан ронданд. Аз ин рӯ, дар бораи дирӯзу имрӯзи мақомоти прокуратура ҳарф мезадед.**

– Фахру ифтихори собиқадорони мо беҳуда нест. Шароити имрӯза воқеан хуб аст. Онро бо дирӯз наметавон муқоиса кард.

Мувофиқи замон шароити кор ва имкониятҳои техникии мақомоти прокуратура беҳтар гардидааст, ки дар навбати худ ба сифат ва самаранокии кор таъсири мусбат мерасонад. Намояндагони насли калонсол нағз дар хотир доранд, ки асбоби асосии кор машинкаҳои чопкунӣ буд.

Мо барои навиштани даҳҳо ҷилди парвандаҳои ҷиноӣ ва маводи дигар, шабҳоро ба субҳ мепайвастем. Ҳангоми навиштани як саҳифа, агар ба хатое роҳ диҳем, онро дубора менавиштем. Бахусус, касро даҳҳо маротиба рӯбардор кардани як ҳолат дилтанг мекард. Чун ҳозира нусхабардорӣ осон набуд. Ин душвориҳоро ҷавонони имрӯз тасаввур карда наметавонанд. Ҳол он ки ман аз сад якеро гуфтам.

Ҳоло сохтор бо технологияҳои замонавӣ муҷаҳҳаз мешавад. Бахусус, шабакаи интернетӣ, алоқаи босифати мобилӣ, сохтори табодули ҳуҷҷатҳои электронӣ қулайиҳои зиёдро фароҳам оварданд.

Пештар шароити корӣ низ хуб набуд. Прокуророни аксар шаҳру ноҳияҳо дар биноҳои мутобиқшуда, ки шароити хуби корӣ надоштанд, меҳнат мекарданд. Масъалаи муҳайё намудани шароити зист барои кормандоне, ки аз дигар ҷой омадаанд, дар ёди касе набуд. Ҳар кас худ барои иҷора хона мегирифт ё аз манзили дур равуо мекард. Баъзе кормандон дар коргоҳ мехобиданд.

Тӯли солҳои 2013-2015 бинои маҳкама ва бинои иттиҳодияи ташкилотҳои иттифоқи касабаи вилоят якҷоя гардида, он ду баробар калон шуд ва тибқи талаби замон ба таври замонавӣ таъмир гардид.

Соли 2018 биноҳои иловагӣ сохта ва гирду атрофи онҳо обод карда шуданд. Толори варзишӣ, ошхона, маҷлисгоҳҳои хурду калони дорои тамоми шароитҳо мавриди истифода қарор гирифтанд.

Агар соли 2014 прокуратураи ноҳияи Қӯшработ, соли 2015 прокуратураи шаҳри Каттақӯрғон, соли 2016 прокуратураи ноҳияи Ургут, соли 2018 прокуратураи ноҳияи Тайлоқ, соли 2019 прокуратураҳои ноҳияи Самарқанд ва Нуробод, соли 2021 прокуратураҳои Иштихон, Нарпай, Булунғур, Ҷомбой ва Қӯшработ соҳиби бинои замонавӣ гардида бошанд, соли 2015 биноҳои прокуратураҳои ноҳияҳои Пайариқ ва Каттақӯрғон аз таъмири капиталӣ баромаданд.

Дар онҳо мутобиқи вазифаи ҳар як корманд хонаҳои алоҳидаи корӣ, таҷҳизоти замонавӣ, хонаҳои маънавият ва тадбиркорон, коргоҳи алоҳидаи қабули шаҳрвандон мавҷуданд. Барои кормандоне, ки аз роҳи дур омада, кор мекунанд, меҳмонхонаҳо фаъолият доранд.

(Давомаш дар саҳ.2).

***Дар Маркази маънавият ва маърифати Округи марказии ҳарбии вилояти Самарқанд бо мақсади кумак ба хидматчиёни ҳарбӣ ва оилаҳои онҳо, инчунин ҷавонони бекор дар пайдо кардани ҷойҳои кори доимӣ "Бозори ҷойҳои холии корӣ" гузаронида шуд.***

# БОЗОРИ ҶОЙҲОИ ХОЛИИ КОРӢ

Дар чорабинии мазкур кормандони марказҳои шуғли аҳолӣ ва намояндагони коргузори ташкилотҳои ноҳияву шаҳрҳо иштирок намуданд. Ноҳия ва шаҳрҳо дар бораи ҷойҳои кории холии худ маълумот доданд. Дар маълумоти онҳо номи корхона, ташкилот, ҷои кор, касб, маош нишон дода шудааст.

Масалан, дар ноҳияи Оқдарё 231, дар ноҳияи Булунғур 160 ва дар ноҳияи Ургут бошад, 884 ҷойи корӣ мавҷуд будааст. Тибқи иттилооти рӯйхати ҷойҳои холии корӣ дар 14 муассисаи томактабии ноҳияи Оқдарё хореограф даркор аст, ки ҳамагӣ 0,25 воҳиди штат ба кор қабул карда мешаванд. Барои ин касб, ки маълумоти олиро талаб мекунад, 400 ҳазор сӯм моҳона дода мешавад. Маоши баландтарин барои вазифаи роҳбари «Агробанк»-и ноҳия 4 миллион сӯмро ташкил медиҳад.

– Ду сол боз кор меҷӯям, аммо намеёбам, – гуфт ҳамшира Замира Маҳмудова, сокини маҳаллаи Чортути ноҳияи Пастдарғам. – Аз сабаби наздик будани деҳаи мо ба шаҳри Самарқанд дар чорабинии имрӯза ҳам аз ноҳия ва ҳам аз шаҳр кор ҷустуҷӯ кардам. Барои ҳамшираҳои шафқат ҷои кор набудааст. Азбаски ман солҳои зиёд дар соҳаи худ кор накарда будам, ду сол қабл мактаби тиббиро хатм карда, сертификат гирифтам. Муддати он се сол аст ва пас аз як сол он ба кор намеояд.

Дар ярмарка даставвал ба ҷойҳои холии шаҳри Самарқанд ва ноҳияи Пастдарғом гузашта пурсидам, то бидонам, ки гуфтаҳои Замира Маҳмудова то чӣ андоза дуруст аст. Дар ҳақиқат, эълонҳои ҷойи холии кориро барои хоҳари шафқат надидам. Намояндагони бемористонҳои Самарқанд гуфтанд, ки «дар мо ҷойи кор барои ҳамшира нест. Мо танҳо ба шифокор ниёз дорем».

Бино ба маълумоти Сарсадорати таъмини шуғли аҳолӣ дар ярмарка 486 нафар ҷалб гардида, дар он 83 нафар (40 нафар ҷавон ва 37 нафар зан) бо кор таъмин гардиданд.

Аз ҷониби мутахассисони баландихтисоси мақомоти меҳнат ба 403 нафар шаҳрванд маслиҳатҳои муфид дода шуданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА, хабарнигори "Овози тоҷик" дар вилояти Самарқанд.**

# МАСКАНҲОИ МАЪНАВИЯТ

***Моҳи январи соли гузашта Президент Ш. Мирзиёев дар ҷамъомади видеоселекторӣ супориш дода буд, ки дар ҳудудҳо мувофиқи лоиҳаҳои намунавӣ масканҳои маънавият ва маърифат ташкил карда шавад. Бинобар ин дар се ҳудуди вилоят: ноҳияҳои Когон, Қаравулбозор ва Ҷондор масканҳои маънавият ва маърифат созмон ёфтанд.***

Дар арафаи Соли нав дар ноҳияи Ҷондор маросими ба истифода супоридани ин маскан ба амал омад.

Дар он роҳбарони секторҳо, тарғиботчиён, фаъолони маҳалла, ҷавонон ва ғайра иштирок карданд. Ҳокими ноҳия, депутати Олий Маҷлис Ҷ. Ширинов, роҳбари шӯъбаи вилояти бухорогии Маркази маънавият ва маърифат М. Пардаева ва дигарон ҳозиронро бо дастрасшавии боз як маскани муҳими нумӯъёбӣ муборакбод намуданд.

Бояд таъкид намуд, ки шӯъбаи ноҳияи ҷондории Маркази маънавият ва маърифат дар бинои Боғи ҳарбию ватанпарварии ба номи Маҳмуди Торобии ноҳия воқеъ гардида, он дорои маҷлисгоҳ, китобхона, компютерҳою ҷиҳозҳои зарурӣ мебошад.

– Бо мақсади рушддиҳии арзишҳои миллиамон дар ин ҷо лоиҳа, барнома ва озмунҳои гуногун сурат мегиранд, – гуфт роҳбари шуъбаи ноҳиявии Маркази маънавият ва маърифат Лола Эргашева.

**А. АВЕЗОВ, мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# АЗ НИҲОДИ СИЁҲКУНАНДА БА СОХТОРИ ҲИМОЯКУНАНДА

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ба ҳифзи иҷтимоии коркунон низ эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Ба ҷавонон барои харидани хона ва мошин воми имтиёзнок медиҳем. Кормандоне, ки ба туфайли садоқат ба касб ба натиҷаҳои хуб ноил шудаанд, аз ҷиҳати маънавию моддӣ ҳавасманд карда мешаванд. Табиист, ки ин шароит на танҳо ба собиқадорони мо, балки ба соҳибони дигар касбу корҳо низ илҳом мебахшад. Аммо вазифаю масъулияте, ки дар назди мо гузошта шудааст, мутобиқи ин ғамхориҳост.

**– Тавре таъкид кардед, кор дар мақомоти прокуратура баробари шаъну шараф будан, масъулият низ дорад. Фидокорони касб аз тарафи ҳукумат чӣ хел қадр мешаванд?**

– Дар меҳвари ҳар як ислоҳоте, ки дар мамлакат амалӣ мешаванд, қадр ва манфиати инсон қарор дорад. Соли ҷорӣ аз тарафи Сарвари давлат Соли гиромидошти қадри инсон ва маҳаллаи фаъол номгузорӣ шуд. Ин худ исботи гуфтаҳои болост. Зеро бузургдошти инсон ин, пеш аз ҳама, таъмини ҳуқуқ ва озодӣ, манфиатҳои қонунии онҳо мебошад. Дар сохтори мо низ ба дастгирӣ ва рағбатноксозии кормандони фаъол ва пешқадами соҳа эътибори алоҳида дода мешавад. Дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон соли 1992 шодравон Адолат Ҳамроқулова, соли 1993 марҳум Маҳаммадӣ Мӯминов бо унвони «Ўзбекистонда хизмат кўрсатган юрист» («Ҳуқуқшиноси шоистаи Ӯзбекистон») сарфароз гардиданд. Қилич Норбеков (равонаш шод бод), ки дар прокуратураи Челак ба ҳайси муфаттиш кор кардааст, соли 1996 дар асоси фармони Сарвари давлат бо ордени дараҷаи II «Шон-шараф» мукофотонида шуд.

Ғайр аз ин, Алишер Ҳусайнов, ки солҳо чун прокурори вилояти Самарқанд кор кардааст, соли 2002 бо ордени «Меҳнат шухрати» қадрдонӣ гардид. Ёрдамчии калони прокурори шаҳри Самарқанд Галина Бурҳонова соли 2007 соҳиби медали «Ҷасорат» шуд.

Соли гузашта низ як гурӯҳ кормандони мо бо медал ва орденҳо сарфароз гардиданд. Аз ҷумла, прокурори шаҳри Самарқанд Дилмурод Сайидкулов бо медали «Содиқ хизматлари учун», ёвари калони прокурори шаҳри Самарқанд Алишер Шамсиқулов ва собиқадор Аҳад Эсонов бо унвони «Ўзбекистон Республикаси прокуратурасининг фахрий ходими» («Корманди ифтихории Прокуратураи Ҷумҳурии Ӯзбекистон») сарфароз гардиданд.

**– Маълум аст, ки прокуратура дар сафи пеши мубориза бо коррупсия қарор дорад. Барои ба касе ақл омӯзондан, аввал бояд намуна шуд. Ба ин маънӣ, дар худи сохтор бобати мубориза бо коррупсия чӣ гуна корҳо амалӣ мешаванд?**

– Ҳамаи корҳое, ки дар боло таъкид кардам, натиҷаи амалии мубориза бо коррупсия дар сохтор мебошад. Коррупсия ва ришвахурӣ кай авҷ мегирад? Вақте ки корманд аз натиҷаи кораш қаноатманд набошад, ҷонро дар азоб гузошта меҳнат кунаду аз муаммоҳои маишии хонавода азият кашад, дар фалон ҷо кор мекунам, гӯяду дар иҷора зиндагӣ кунад, аз надоштани мошин душворӣ кашад, меҳнати фидокоронаш муносиб қадр карда намешавад... ва ғайра. Дар ин бобат бисёр ҷиҳатҳо мавҷуданд.

Имрӯзҳо робарияти мо барои ҳалли муаммоҳои одитарини кормандон эътибори алоҳида медиҳад.

Қисми асосии ходимони мо ҷавонон ҳастанд. Акнун тасаввур кунед, ки агар коргар донишгоҳро хатм карда, ба мақомоти бонуфуз ба кор дарояд, дар шароити беҳтарини меҳнатӣ кор карда, музди меҳнаташ кофӣ бошад, дар асоси воми имтиёзнок хонаи обод, асбобу анҷоми замонавии рӯзгор, мошини нав ба даст оварад, магар аз таҳти дил ва содиқона меҳнат намекунад? Вақте ки фидокорона меҳнат мекунад, албатта ба натиҷаҳои хуб мерасад. Дар чунин маврид агар роҳбарият низ меҳнат ва дастовардҳои ӯро эътироф намуда, рағбатнок намояд, бештар рӯҳбаланд мегардад. Дар натиҷа, мавқеъ, унвон, обрӯю эътибор дар ҷамоа торафт баланд мешавад. Ростӣ, панҷ панҷа баробар нест, вале бо камоли бовар гуфта метавонам, ки кормандони мо ба қадри зарурӣ соҳиби дониш ва ҷаҳонбинии васеъ ҳастанд.

Таҷрибаи нави зиддикоррупсионӣ низ ба роҳ монда шудааст. Агар касе ба корманди прокуратура маблағи муайяне пешниҳод кунад, корманд дар ин бора ба сардор хабар медиҳад ва фавран чорабинии зарурӣ андешида мешавад. Порадиҳанда ҳангоми додани пул дастгир ва ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Корманд барои фидокорӣ, садоқат ба касби худ, паст накардани обрӯи мақомоти прокуратура ва саҳм дар мубориза ба муқобили коррупсия ба андозаи миқдори порае, ки пешниҳод шуда буд, мукофоти қонунӣ мегирад. Дар ин бора чанд мисоли аниқ оварда метавонам. Ин таҷриба ҳам самараи хуб медиҳад.

Оре, меҳнати ҳалол ва таҳтидилона гарави обрӯю эътибор, ҳаёти осудаю фаровон ва ояндаи дурахшон аст. Инро коркунони мо нек идрок менамоянд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**Хондамир МАРДИЕВ,**
**мушовири адлия,**
**ёвари прокурори вилоят.**

# ДАСТОВАРДҲО ВА ИСТИҚБОЛИ САНОАТИ БОФАНДАГӢ

***Саноати бофандагӣ дар мамлакатамон барои ба кор таъмин намудани аҳолии эҳтиёҷманд яке аз соҳаҳои муҳим ба шумор меравад. Танҳо дар чаҳор соли охир ҳашт ҳазор корхонаи нав барои ба кор таъмин намудани бештар аз 500 ҳазор нафар занону духтарон, хусусан қишри ҷавони кишвар мусоидат намудааст. Дар ин бора ҷонишини аввали раиси иттиҳодияи “Ӯзтӯқимачиликсаноат” Даврон Ваҳҳобов ба хабарнигорон иттилоъ дод.***

Ба гуфтаи ӯ мувофиқи стратегияи рушди ҳукумат оиди саноати бофандагӣ дар ноҳияҳои зиёд корхонаҳои бофандагӣ арзи вуҷуд намуданд. Бо ҷалби сармояҳои хориҷӣ дар ҳаҷми 3,2 миллиард доллари амрикоӣ ба ивази 3,05 миллиард доллар маҳсулот содир гардид.

– Мамлакати мо дар давоми солҳои тӯлонӣ ба сифати маркази захираи пахта муаррифӣ мешуд. Дар айни ҳол 100 фоиз ба азнавкоркарди бештар аз 3 миллион тонна пахтаи истеҳсолкарда ноил шудем. Гузашта аз ин, барои азнавкоркарди пахта ба воридкунии нахи он аз кишварҳои ҳамҷавор шурӯъ намудем, – гуфт Даврон Ваҳобов.

Таъкид гардид, ки корхонаҳои бофандагӣ бо содир намудани сармоя ба саноати бофандагии мамлакатҳои ҳамсоя, аз ҷумла Қирғизистон ва Қазоқистон, корхонаҳои худро таъсис доданд, ки аллакай фаъолият мекунанд. Даврон Ваҳҳобов зикр намуд, ки ба ин гуфтаҳои ӯ ҷамъиятҳои масъулияташон маҳдуди “Нил гранит”, “Астера текстил” мисоли равшан шуда метавонанд.

– Дар айни ҳол нерӯи асосиро ба он сафарбар кардаем, ки маҳсулоти гуногуни тайёр истеҳсол кунем ва ба мизоҷон содир намоем. Зимнан барои тавсеаи истеҳсоли калобаи омехта, матоъи гуногун, хусусан истеҳсоли матоъи ҷинс талош ба харҷ медиҳем, – изҳор кард ӯ.

Дар қаламрави Иттиҳоди Аврупо аз тарафи Комиссияи Аврупо барои рағбатноккунии содирот сохтори GSP+ ҷорӣ шудааст. Дар ин замина Иттиҳодияи “Ӯзтӯқимачиликсаноат” барои ба стандартҳои аврупоӣ мутобиқ сохтани тавлиди маҳсулоти худ иҷрои як қатор корҳоро барномарезӣ мекард. Аз ҳамин ҳисоб “Ӯзтуқимачиликсаноат” аллакай дар ҳаҷми 100 миллион доллар маҳсулоташро ба Аврупо содир кардааст.

– Пайдо кардани мавқеъ дар бозори Аврупо аз мо тақозо менамояд, ки барои ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ будани маҳсулотамон семинарҳо ва тренингҳои омӯзишӣ гузаронем. Ин боис гардид, ки Ӯзбекистон ба қатори давлатҳои истеҳсолкунандаи пахтаи органикӣ ё эко шомил шавад. Ҳоло дар 55 корхона нӯҳ намуди стандартҳои байналмилалиро ҷорӣ кардаем, – гуфт Ваҳҳобов.

“Ӯзтӯқимачиликсаноат” дар ҳамкорӣ бо Вазорати инвеститсия ва савдои хориҷӣ як ҳайати тиҷоратии иборат аз 45 нафарӣ таъсис додааст. Ин ҳайат барои афзоиши маҳсулоти содиротӣ ва шинасоӣ бо салоҳияти саноати Аврупо ба он ҷо ташриф овардааст.

– Ин ташриф ба имзои якчанд шартнома сабаб гардид, – мегӯяд Даврон Ваҳҳобов.

Тавре ки ҷонишини якуми раиси иттиҳодияи “Ӯзтӯқимачиликсаноат” боз тавзеҳ дод, яке аз масъалаҳои муҳиме, ки таваҷҷуҳи бештари онҳоро ҷалб намудааст, истиқболи саноати бофандагии мамлакат мебошад.

– Чаро маҳз ин бозорҳоро мо бояд ишғол кунем? Аз рӯи натиҷаҳои соли 2021 мо ба ИМА баробари 2 миллиону 250 ҳазор доллар маҳсулот содир намудем. Ин дар ҳоле мебошад, ки ИМА бозори дорои имкониятҳои аз ин ҳам васеътар мебошад. Зеро аҳолиаш аз 332 миллион мегузарад ва эҳтиёҷ ба истеъмоли маҳсулоти саноати бофандагӣ хеле зиёд аст, – гуфт Ваҳҳобов.

Ба таъкиди ӯ дар соли сипаришаванда ба Иттиҳоди Аврупо ба ивази 135 миллиону 752 ҳазор доллар маҳсулот содир гардидааст. Аҳолии он бештар аз 446 миллионро ташкил мекунад ва дар ин ҷо низ ба истеъмоли маҳсулоти бофандагӣ эҳтиёҷи хеле калон эҳсос мегардад.

– 23 дарсади истеъсоли ҳаҷми маҳсулоти бофандагии дунё ба Олмон, Фаронса, Британияи Кабир, Испания, Нидерландия рост меояд ва ин маҳсулот бештар матоъи трикотажӣ мебошад, – тазаккур дод Даврон Ваҳҳобов.

Ба гуфтаи ӯ ба давлатҳои африқоӣ дар соли 2021 ҳамагӣ дар ивази 32 миллиону 500 ҳазор доллар маҳсулот содир шудааст. Барои ҳамин ҳамаи ин бозорҳо ба моли Ӯзбекистон ниёз доранд ва ишғоли ин бозорҳо аз масъалаҳои умдае мебошад, ки ҳаллу фасли он ногузир маҳсуб меёбад.

Ҷонишини раис инчунин дар робита ба он ҳарф зад, ки барои тайёр кардани кадрҳои соҳаи мазкур Донишкадаи саноати бофандагӣ ва сабуки Тошканд бо Донишгоҳи давлатии Русия ба номи А.Н.Косигин ҳамкориҳои худро доман густардааст. Ҳоло дар асоси имзои протокол ва “Харитаи роҳ” ифтитоҳи филиали ин донишгоҳ дар Ӯзбекистон барномарезӣ шудааст.

Маълум шуд, ки то ин замон дар Ӯзбекистон Академияи мӯдҳои “Мӯди Париж ва дизайн”-и Фаронса, Донишкадаи политехникии Иваново, Донишгоҳи давлатии Костромаи Русия факултаҳои худро кушодаанд ва ҷавонон дар ин факултаҳо таҳсил мекунанд. Ба манзури рафъи ниёз ба кадрҳои равияҳои иқтисодиёт-мерчендайзинг, массмедиа, маркетинг, инноватика (соҳаи бофандагӣ) ва нанотехнология (аз рӯи соҳаҳои гуногун) ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо Донишгоҳи давлатии Русия ба номи А. Н. Косигин шарти ногузир арзёбӣ гардид.

– Мо дар айни ҳол бо донишгоҳҳои Хитой, Куриёи Ҷанубӣ, Туркия, Олмон ҳамкориҳоро ба роҳ мондаем. Ба наздикӣ факултаҳои ин донишгоҳҳоро дар кишвар ифтитоҳ хоҳем кард. Барои ин заминаҳои мусоид фароҳам оварда шудаанд, – мегӯяд Ваҳҳобов.

Ногуфта намонад, ки аз рӯи ҷамъбасти соли 2021 аз тарафи корхонаҳои бофандагӣ 1 миллиону 5 ҳазор тонна нахи пахта мавриди коркард қарор гирифтааст ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 31,9 триллион сӯмро фаро гирифтааст. Дар доираи барномаи маҳалликунӣ 36 лоиҳа татбиқ гардидааст ва ба арзиши 566,8 миллиард сӯмина маҳсулот тайёру ёрирасон истеҳсол шудааст.

Дар доираи барномаи сармоягузорӣ аз рӯи 21 лоиҳа 232,9 миллион доллар инвеститсия, аз ҷумла 150,6 миллион доллар инвеститсияи мустақими хориҷӣ аз худ карда шуда, нақша 100 фоиз ба иҷро расидааст. Дар содироти маҳсулот Русия 32 фоиз – 950 миллион доллар, Хитой 22 фоиз – 630 миллион доллар, Қирғизистон 13 фоиз – 385 миллион доллар, Туркия 16 фоиз – 460 миллион доллар аз ҳамкорони асосӣ шумурда шудаанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**“Овози тоҷик”.**



*Дар минтақаи озоди иқтисодии «Қӯқон»-и вилояти Фарғона дар давраи сипаришуда бинобар истеҳсоли пойафзори чармин, маҳсулоти электротехника, саноати кимиё, сохтмон ва ғайра зиёда аз панҷоҳ корхона сохта ба истифода супурда шуд. Маҳсулоти нав бо сифат ва рақобатбардории худ дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ харидоргир мебошанд. Ҳоли ҳозир бо ҳамкории соҳибкорон ва сармоягузорони хориҷӣ лоиҳаҳои истиқболашон нек амалӣ мегардад.*

*Дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Admiral group» маҳсулоти хушсифат аз орд истеҳсол мешаванд. Ин маҳсулот ба Афғонистон ва давлатҳои ҳамҳудуд содир мегардад. Алҳол аз ҳисоби маблағҳои худии корхона лоиҳаи арзишаш 65,1 миллиард сӯмина амалӣ мешавад.*

***Дар сурат:*** *дар минтақаи озоди иқтисодии «Қӯқон»-и вилояти Фарғона.*

***Суратгир: М.ҚОДИРОВ (ЎзА).***

**Соли 2022 – Соли гиромидошти қадри инсон ва маҳаллаи фаъол**

# МАҲАЛЛА ОБОД – КИШВАР ОБОД

Алҳол ҳамаи мо зери таъсири табрикоти илҳомбахши сарвари давлат ба муносибати фарорасии Соли нав ва «Соли гиромидошти қадри инсон ва маҳаллаи фаъол» эълон шудани сол зиндагӣ мекунем. Воқеан, бо дастгирию ташаббусҳои Президент маҳалла ҳамчун ҳалқаи асосии ҷомеа пазируфта шуда, бобати баланд бардоштани нақши он корҳои васеъмиқёс амалӣ мегарданд.

Ҷамоати шаҳрвандони мо, ки номи Мирзо Улуғбекро дорад, дар 2-3 километр қисмати шарқии шаҳри Самарқанд ҷойгир буда, қариб 3 ҳазор нафар аҳолӣ дар 445 хонадон умр ба сар мебаранд. Ба оилаҳое, ки ба «дафтари оҳанин», «дафтари бонувон», «дафтари ҷавонон» дохил карда шудаанд, кумаки моддӣ ва маънавӣ расонида мешавад.

Камина ҷонишини раиси ҷамоат оид ба масъалаҳои оила ва бонувон ҳастам.

Пӯшида нест, ки зиндагӣ фарозу нишебиҳои зиёд дорад. Мешавад, ки хушдоманҳо ва арӯсон аз нафаҳмидани феълу атвори якдигар муноқиша мекунанд, ки ҳатто баъзан боиси вайрон шудани оила мегардад. Барои ба мурасо овардани онҳо на танҳо асабҳои мо, инчунин асаби нозирони ҳуқуқу тартибот, мӯйсафедон, фаъолон низ хароб мешавад.

Умедворам, ки дар соли нав корҳои тарбиявӣ боз ҳам авҷ гирифта, комёбиҳои мо дар ин самт бештар мешаванд.

Бояд тазаккур дод, ки дар пешрафти фаъолияти мақомоти маҳалла хидмати шахсони рӯзгордида Насриддин Саъдуллоев, Комил Сулаймонов, Ҳоҷӣ Ҷӯрақул Эргашев, Илҳом Сафаров, Ҷумъагул Узоқова ва дигарон хеле калон аст.

Боз як комёбиҳои назаррас он аст, ки дар асоси қарори Президенти мамлакат мо барои ҷалби шаҳрвандони бекор ба соҳибкорӣ, афзудани фаъолнокии меҳнатӣ, касбу ҳунаромӯзонӣ, ҳамчунин бо шуғл таъмин кардани онҳо низ корҳои ибратбахшро идома медиҳем, алалхусус ҷавононро бо корҳои фоиданок машғул менамоем. Зеро тавре ки мегӯянд: «Аз бекор – ҳама безор» аст.

Хулоса, бовар дорам, ки имсол мақомоти шаҳрвандӣ соҳиби нуфузу эътибори боз ҳам бештару баландтар мешавад. Охир беҳуда: «Маҳалла обод – кишвар обод» нагуфтаанд.

**Шоиста НАҶМИДДИНОВА,**
**ҷонишин оид ба корҳои оила ва бонувони раиси маҳаллаи ба номи Мирзо Улуғбеки ноҳияи Самарқанд.**

# ПУЛИ НАВ БА ИСТИФОДА СУПУРДА ШУД

**Дар ниҳояти соли 2021 барои сокинони ду ҷамоати шаҳрвандони деҳаи Шарқобод мушкилоти равуо ба маркази ноҳияи Сӯх аз байн рафт. Ба ивази 5 миллиарду 170 миллион сӯм кӯпруки кӯҳнаи болои дарёи Сӯх аз нав таъмиру таҷдид карда шуд.**

Ҳоло дар ҷойи пули кӯҳнаи ларзон ва фартут пули нави мустаҳкаму замонавӣ ва аз ҳар нигоҳ бехавфу хатар дар ихтиёри равуокунандагон гузошта шудааст. Дар маросими кушодашавии кӯпрук ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров, роҳбарони секторҳо ва як гурӯҳ сокинони деҳаи Шарқобод ширкат карданд.

Ҳувайдо буд, ки хурсандиву нишоти бошандагони деҳаи Шарқободро ҳадду канор нест. Зеро, муддати дароз инҷониб онҳо аз болои пуле ба ин ё он самти дарё мегузаштанд, ки ҳангоми обхезиҳо осеби сахт дидаву рӯ ба вайронӣ оварда буд. Баъзан гузаштан аз болои он ҷонро ба хатар мегузошт.

– Масъалаи тармими ин пули замонавӣ яке аз масъалаҳои мубрами мо маҳсуб меёфт. Ахиран ҳокими вилоят дастур дод, ки барои таъмири он ҷиддан иқдом сурат гирад. Аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ ва маблағҳои иловагӣ ин пул куллан таҷдид карда шуд, – мегӯяд бо хушҳолӣ сокини кӯҳансоли деҳа Азимбек Атоев.

Ҳамин тавр, ин пули навро мардуми деҳа ҳамчун туҳфаи солинавии давлат ва ҳукумат пазируфтанд.

**Файзулло ИБРОҲИМОВ,**
**мухбири ҷамоатии “Овози тоҷик”.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

***Чунин семинар ва дарсҳои маҳорату малака нахустин бор дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Шодиёнаи шаҳри Фарғона ва ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Нурафшони ноҳияи Қӯштепа роҳандозӣ гардиданд.***

# СЕМИНАР БАРОИ САРПАРАСТОНИ ҶАВОНОН

Дар он вакилони Агентии кор бо ҷавонони маҳаллаҳо, сарпарастони шӯроҳои шаҳриву ноҳиявии Иттифоқи ҷавонони Ӯзбекистон ҷалб гардиданд ва дар бораи иҷрои вазифаҳое, ки онҳо бар дӯш доранд, аз тарафи мутахассисону коршиносони варзида маълумотҳо ироа шуд.

– Шумо минбаъд дар ҷою маҳали худ аз пешвоёни ҷавонон маҳсуб меёбед. Иҷрои як қатор вазифаҳо аз шумо тақозо менамояд, ки дар ҳаллу фасли масъалаҳои зиёд бо масъулиятшиносӣ бархурд намоед. Ба ваҳдат овардани ҷавонон, ҷалби онҳо ба корҳои манфиатноки ҷамъиятӣ, пешгирӣ аз гаравидани онҳо ба гурӯҳҳои номатлубу машғулиятҳои нозарур ва амсоли он аз вазифаҳои муҳими рӯз мебошанд, ки маҳз бар дӯши шумо гузошта шудаанд,– гуфт ҷонишини ҳокими вилоят оид ба сиёсати ҷавонон, рушди иҷтимоӣ ва корҳои маънавӣ-маърифатӣ Файзулло Қосимов.

Дар семинар таъкид гардид, ки баланд бардоштани фарҳанги китобхонӣ дар миёни аҳолӣ, хусусан ҷавонон, тарғиби адабиёти миллӣ ва ҷаҳон, пиёда кардани корҳои профилактикӣ бар зидди фарҳанги оммавӣ, ҷалби ҷавонон барои омӯхтани забонҳои хориҷӣ, истифодаи босамар аз технологияҳои компютерӣ ва захираҳои интернетӣ, муфид ва пурмазмун гузаронидани вақти холӣ ва донистани фикру мулоҳизаҳои ҷавонон дар ин маврид ва ташкили маҳфилҳои гуногун дар боло рафтани донишу маҳорат ва фарҳанги ҷавонон хеле мусоидат хоҳад кард.

Дар ҷараёни семинар дарсҳои омӯзишӣ ва маҳорату малака низ ба роҳ монда шуд. Дар он спикерон ба он нукот таваҷҷуҳи сарпарастони ҷавононро ҷалб карданд, ки роҳандозии чорабиниҳои варзишӣ оид ба футбол, волейбол, баскетбол, шашкаву шоҳмот, тенниси рӯи миз, инчунин хондани китоб барои ҳаматарафа инкишоф ёфтани ҷавонони 14-30-сола ҳамчун омили муҳим хидмат хоҳад кард.

Гуфта шуд, ки ташаккул додани “Дафтари ҷавонон” ва иҷрои барномаҳои гуногун низ дар ҳаллу фасл ва кушодани гиреҳи муаммоҳо ва мушкилоти ҷавонон авлавиятҳои вазифаҳои сарпарастони ҷавононро ташкил менамояд.

Дар айни ҳол 1 ҳазору 55 нафар сарпарасти ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят шурӯъ ба кору фаъолият кардаанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

## ХАБАРҲО

### Муассисаҳои таълими олӣ – дар таътил

***Бори аввал дар таърихи муассисаҳои таълими олии (МТО) ҷумҳурӣ таътили зимистона ба тарзи нав ташкил ва бо мақсади баланд бардоштани маҳорати касбии ректор, проректор, деканҳо, масъулони соҳаи молиявии МТО, ҳамчунин ҷорӣ намудани кор бо услуби нав дар таълими олӣ 10-24 январи соли равон барои онҳо семинар-тренингҳо ташкил карда мешавад.***

Бинобар пурра сафарбар гардидан ба сохтори модули кредитӣ барои мудирони кафедра, профессорон-устодони МТО низ машғулотҳои таълимӣ доир ба масъалаҳои молиявӣ корбаст мегарданд. Роҳбарони литсейҳои академӣ, дар навбати худ, ба чунин машғулот ҷалб мегарданд.

Ба мақсади бо омодагии пурра оғоз бахшидани нимаи дувуми соли таҳсили 2021-2022 дар МТО барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва донишандӯзони литсейҳои академӣ муддати таътили зимистона то 24 январ дароз карда мешавад. Дар ин бора хидмати матбуоти Вазорати таълими олӣ ва миёнаи махсуси ҷумҳурӣ маълум намудааст.

### Вомҳои имтиёзнок – ба ҳунармандон

***Барои татбиқи лоиҳаҳои ҳунармандӣ дар соли 2022 500 миллиард сӯм маблағ сафарбар хоҳад гашт. Дар навбати аввал онҳое дастгирӣ меёбанд, ки соҳибкории оилавиро дар ин самт ба роҳ мегузоранд.***

Дар доираи барномаи рушди соҳибкории оилавӣ ба ҳунармандон дар давраи шаш моҳи имтиёзнок то 225 миллион сӯмӣ кредит муайян карда шудаанд.

Оиди ҷудо кардани кредити имтиёзнок ба ҳунармандон, ташкил кардани мактаби устод-шогирд ва татбиқи лоиҳаҳо дар ин самт шӯъбаҳои алоҳида ба кор сар мекунанд.

### Вориди сӯзишворӣ ба мамлакат

***Дар давраи январ-ноябри соли 2021 ба Ӯзбекистон 308,4 миллион литр сӯзишвории автомобилӣ ворид карда шуд, ки 115,3 миллион доллари ИМА арзиш дорад.***

Дар ин бобат Кумитаи давлатии статистика хабар паҳн кардааст. Импорти бензин ба ҷумҳурӣ назар ба ҳамин давраи соли 2020 112 миллион литр ё худ 36,3 фоиз афзудааст. Ба Ӯзбекистон бензин асосан аз Русия ворид гаштааст (145,3 миллион л.). Айни замон мамлакатамон аз Туркманистон, Қазоқистон, Ироқ ва Эрон бензин харид менамояд.

Дар худи Ӯзбекистон тӯли 11 моҳи соли гузашта бештар аз 1 миллион тонна бензин кор карда бароварда шудааст.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# «АЗ ДӮСТОНИ ҶОНӢ МУШКИЛ ТАВОН БУРИДАН...»

### Кор рӯйи офаридани филми таърихие бахшида ба ду симои бузург оғоз ёфт



Президенти мамлакатамон муҳтарам Шавкат Мирзиёев моҳи июни соли сипаригардида, вақте сафари навбатиашро дар Тоҷикистон анҷом медод, дар шаҳри бостонию бӯстонии Хуҷанд пешниҳодеро ба миён гузошт, ки ин буд: «Фикр мекунам, вақти эҳё намудани анъанаҳои хуби киносозони ду давлат фаро расидааст. Ман басе мехостам филми бадеие дар бораи дӯстии ду халқ, хоссатан, дар бораи дӯстии Абдураҳмони Ҷомию Алишер Навоӣ ба навор гирифта шавад. Сарфи назар аз мушкилоти пешистода, мо бояд ин корро анҷом диҳем. Насли ҷавон бояд дар бораи таърих, аҷдод ва дӯстии рахнанопазири халқҳоямон маълумоти кофӣ дошта бошад».

Ин пешниҳоди зиндагисозро аҳолӣ, зиёиён, аҳли илму адаб ва киносозони ду кишвар гарм пазируфтанд. Пешвои миллати тоҷик, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар тақвияти ин пешниҳоди созанда изҳор дошт: «Муносибатҳои Ҷомию Навоӣ намунаи дӯстии мустаҳками пиру мурид, устоду шогирд ва қадрдонию қадршиносии орӣ аз ғараз буд. Ҷомӣ Навоиро дар боғи дӯстӣ ба шохи вафо монанд кардааст. Навоӣ ба муносибати вафоти Ҷомӣ як сол азо гирифта, ба ӯ марсияи пурсӯзу гудозе бахшидааст. Ин марсия дар адабиёти форс-тоҷик аз беҳтарини шеърҳост».

Бале, мо дар бораи дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек бисёр гуфтаему мегӯем. Вале бузургоне чун Ҷомию Навоӣ дар амал нишон додаанд, ки дӯстии беғараз чӣ гуна мешавад. Ду дунё барои душманӣ танг аст, вале дӯстони беғараз метавонанд рӯйи марзе ба андозаи як гилем қонеъ ва хушдилу хушҳол ба сар баранд.

Ҳоло бо иштироки ходимони кинои ду мамлакат корҳо оиди офаридани филми бадеӣ дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ шурӯъ шудаанд. Хабарнигорамон доир ба рафти корҳо дар ин самт бо ҷонишини директори Агентии кинематогафияи Ӯзбекистон Шуҳрат Ризоев суҳбат орост.

**— Акои Шуҳрат, доир ба рафти офаридани филми бадеӣ дар бораи ду симои бузург — Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ сухане чанд мегуфтед.**

— Ҳамагон огоҳӣ доранд, ки роҳбари давлатамон моҳи июни соли сипаригардида дар рафти сафари хеш ба Тоҷикистон ин пешниҳодро ба миён гузошта буд. Пешниҳодро ҷониби Тоҷикистон бо қаноатмандӣ пазируфт. Бояд гуфт, ки доир ба муносибатҳои ду симои бузург — Абдураҳмони Ҷомию Алишер Навоӣ осори зиёди илмию бадеӣ ва филмҳои мустанад офарида шудаанд. Аммо то имрӯз дар филмҳои офаридашуда муносибатҳои дӯстонаи ду нобиғаи давр ба андозаи кофӣ рӯшан карда нашудааст. Мисолан, дар филми бадеии «Алишер Навоӣ», ки соли 1947 аз ҷониби Комил Ёрматов ба навор гирифта шудааст, симои Ҷомӣ хира ба назар мерасад. Муносибатҳои дӯстонаи ду шоири бузург дар осори худашон низ ифода ёфтааст. Бо вуҷуди ин, дар ҳар ду мамлакат аз ҳисоби олимон барои ҷамъоварии адабиёте, ки мавзӯи мавриди назарро фаро мегиранд, гурӯҳҳои корӣ созмон дода шуд. Бино ба адабиёт ва маълумоти фароҳамовардашуда бо иштироки киносозони ду ҷумҳурӣ сенария офарида мешавад. Дар айни ҳол сенариянависон Рустам Ҷабборов (Ӯзбекистон) ва Сафар Ҳақдодов (Тоҷикистон) ба кор шурӯъ кардаанд. Коргардонҳои филм Фурқат Усмон (Тоҷикистон) ва Файзулло Файз (Ӯзбекистон) ба дунболи коранд.

Баъди таълифи сенария корҳои либосдӯзӣ, интихоби актёрон, саҳнасозӣ... оғоз меёбад. Рафти корҳо аз тариқи онлайн таҳти назорат гирифта шудааст.

**— Барои алоқамандони кино донистани он, ки дар ин филми таърихӣ нақшҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоиро кадом актёрон мебозанд, марокангез аст. Дар ин хусус чизе гуфта метавонед?**

— Таассуф, ки гуфта наметавонам. Зеро сенарияи филм ҳанӯз омода нашудааст. Фикр мекунам, киносозони ҳар ду ҷумҳурӣ дар рафти корҳо ба як қарор меоянд.

**— Мо бар онем, ки киносозони ҳар ду ҷумҳурӣ як филми пурмуҳтаво, диданӣ ва ибратпазиреро ба мардум пешниҳод менамоянд. Филмро тамошобинони сатҳи донишу ҷаҳонбиниашон гуногун тамошо мекунанд. Шунидем, ки филм дар тӯли як сол омода мегардад. Оё дар ин муддат метавон як филми таърихии мукаммал офарид?**

— Барои ба навор гирифтани филм як муддати муайян пешбинӣ нашудааст. Сенарияро навишта истодаанд. Баъди ба охир расидан онро аъзои комиссияи муштарак, ки аз ҷониби ду мамлакат интихоб шудаанд, тақдиди назар менамояд. Сипас он аз назари Шӯрои бадеӣ мегузарад.

**— Ин ду нобиға дар қаламрави Афғонистони ҳамсояи имрӯза ба сар бурдаанд. Ҳоло дар ин кишвар ҷанг идома дорад. Гуфтанӣ будам, ки киносозон бобати ба навор гирифтани манзараҳо ва муҳити зист дар кишвари ҳамсоя ба мушкилиҳо мувоҷеҳ намешаванд?**

— Албатта, корҳои банаворгирӣ дар Афғонистон ба ҷараёни зиндагӣ дар он мамлакат вобаста аст. Фикр мекунам, роҳи ҳалли ин масъала ёфт мешавад ва мо ба мақсад мерасем...

**— Ин сухан ба Ленин таллуқ дорад, ки гуфтааст: «Кино беҳтарини санъатҳост...»**

— Ин сухан ба он маънист, ки тамошобин дар кино муҳтавои як ҳодисаро бо иштироки қаҳрамонон ва персонажҳо зинда пеши назар оварда метавонад. Мисли ин аст, ки шумо дар тӯли як ё ду соат аз як китоби бузургҳаҷме баҳра бурда бошед. Дар китоб манзараҳо ва симои қаҳрамононро тасаввур менамоед, дар кино бошад ҳамаро мебинед...

Фикр мекунам, вақте халқҳои мо доир ба дӯстии ибратпазири ду симои бузург — Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ филмеро тамошо мекунанд, беш аз пеш ба якдигар наздик мешаванд. Мегӯянд, ки Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ ба рамзи дӯстии халқҳои ӯзбеку тоҷик табдил ёфтаанд. Филми мазкур ин маъниро рӯшантар ба маъраз мегузорад.

Дӯстии халқҳои ӯзбеку тоҷик на як бору ду бор аз имтиҳони таърих гузаштааст. Ягон нерӯ ин ду халқи ҳамқисматро аз ҳам ҷудо карда натавонистааст. Ба қавли Хоҷа Ҳофиз:

*Аз ҷон тамаъ буридан*
*осон бувад, валекин,*
*Аз дӯстони ҷонӣ мушкил*
*тавон буридан...*

**— Барои суҳбати пурмуҳтавоятон ташаккур.**

— Саломат бошед.

**А. СУБҲОНОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Дар арафаи Соли нав дар деҳаи дурдасти Шамолии ноҳияи Кӯшработи вилояти Самарқанд, ки ҳамагӣ 29 оила умр ба сар мебарад, бори нахуст чароғҳои барқӣ фурӯзон гаштанд. Шояд аз ҳамин сабаб онҳо ба ҳокими вилоят мактуби сипоси худро ирсол намуданд, ки сардори садорати идораи таъминот бо барқи вилоят Ғанишер Маматқулов дар анҷумани матбуотӣ иттилоъ дод. Вай таъкид кард, ки ҳоло дар вилояти Самарқанд ба 864,7 ҳазор истеъмолчӣ тавассути 27,6 ҳазор километр хати электрикӣ ва 11315 нуқтаҳои трансформатор нерӯҳои барқӣ интиқол мешаванд.*

# МАҲАЛЛАҲО ЧАРОҒОН — ҚАЛБҲО ШУКУФОН

– Танҳо соли равон гуфт, – Ғанишер Каримович, – дар асоси дастури «Обод маҳалла» 71 километр хати электрикӣ ва 28 адад трансформатор таъмир шуд. Ба муносибати ба шаҳри сайёҳӣ табдил ёфтани Самарқанд дар 24 кӯчаи марказӣ 203 километр симчӯбҳои бетонӣ гузошта, хати электрикӣ кашида, дар шаб чароғҳо фурӯзон аст.

Аммо аз соли нав боз 3410 трансформатор, ки аз замони шӯравӣ вуҷуд доранд, нав хоҳанд шуд. Инчунин дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 20 подстансия хоҳем гузошт.

Бо фаросии фасли зимистон барои пешгирии ҳодисаҳои нохуш 76 бригадаи таъмирӣ ташкил шуда, 16 техника вобаста гардид.

Сипас, барои иштирокчиёни анҷумани матбуотӣ пресс-тур ташкил шуд. Хатсайри онҳо аз боздиди маҷмӯаи Имом Бухорӣ оғоз ёфт.

Воқеан, бо салоҳдиди сарвари давлатамон мавзеи мазкур ба майдони сохтмон табдил ёфтааст. Имрӯзҳо бо суръати тез иншооти меҳмонхона, масҷиди ҷомеъ барои 10 ҳазор нафар намозхон,шохобчаҳои савдо, истгоҳи нақлиёт ва ғайра дар авҷ аст.

– Ҳоло барои ҳам сохтмон ва ҳам зиндагӣ нерӯи барқ ниҳоят зарур, – гуфт роҳбаладии мо Ғанишер Маматқулов, – ана барои чӣ трансформатори пуриқтидор сохтем, масолеҳи он аз Тошканд, Русия ва Туркия оварда шудааст. Акнун ғайр аз маҷмӯи Имом Бухорӣ боз 4 маҳалла аз қувваи электрикӣ баҳраманд мешаванд. Барои бунёди трансформатори мазкур беш аз 590 миллиард сӯм маблағ сарф шуд.

Манзили дигари иштирокчиёни анҷумани матбуотӣ маҳаллаи Намозгоҳи шаҳри Самарқанд гардид. Меҳмонону мизбонон дар тадбири ба истифода супоридани трансформатори нав ширкат варзиданд.

Сардори идораи бо барқ таъминкунии шаҳри Самарқанд Фаррух Акрамов гуфт, ки минбаъд таъмин бо нерӯи барқ дар гузарҳои Мӯлиён, Регистон, Намозгоҳ, Руҳобод беҳтар шуда, кӯчаҳои марказӣ шабона фурӯзон мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки дар вилояти Самарқанд беш аз ҳазор гузару маҳаллаҳо вуҷуд доранд ва дар ҳамаи онҳо таъминот бо нерӯи барқ нисбат ба замони пеш беҳтару хубтар шудааст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**




*Дар филиали Маркази табобати таъҷилӣ ва илмии ҷумҳуриявии вилояти Қашқадарё бинобар барномаи сармоявӣ ба ивази 26 миллиарду 410 миллион сӯм корҳои сохтмон ва таъмиру тармим амалӣ шуданд.*

*Дар низоми кумаки таъҷилии тиббии вилоят 742 нафар шифокорон, 6525 нафар ходимони миёнаи тиббӣ кор мекунанд. Аз шифокорон 6 нафар номзади илмҳои тиббӣ, 303 нафарашон мутахассисони тоифаи олӣ мебошанд. Мувофиқи маълумоти хидмати ахбори иттиҳодияи ҳифзи тандурустии вилояти Қашқадарё тӯли се соли оянда дар вилоят тамоми мошинҳои кумаки таъҷилӣ бо техникаи замонавии дорои мусоидати бештар иваз карда мешаванд.*

***Дар сурат:** дар филиали Маркази табобати таъҷилӣ ва илмии ҷумҳуриявии вилояти Қашқадарё.*

***Суратгир: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ (ӮзА).***

# ҚАЛАМ ГУФТО, КИ МАН ШОҲИ ҶАҲОНАМ...

***Майлу рағбат ба ину он чиз аз овони хурдӣ шурӯъ меёбад. Дар мактаб баробари таҳсил агар боз ба мутолиаи китоби бадеӣ рӯ оварем, дар дили мо нисбат ба қаҳрамонон ҳисси дилсӯзӣ ё худ баръакс – нафрат пайдо мешавад. Ҳамин тавр аз китоб барои худ ибрат мегирем, мисли қаҳрамонҳои мусбат дар вуҷуди мо оҳиста-оҳиста фазилатҳои нек ташаккул меёбанд.***

Ба мушоҳида мерасад, ки дар мактаби №46, ноҳияи Фориш низ як гурӯҳ хонандагон ба қаламкашӣ (эҷоди шеър, расмкашӣ, иҷрои суруд, хониши ифоданок ва ғайра) майлу рағбат доранд. Машқҳои худро аллакай дар дафтарҳо дарҷ намуда, пешкаш кардаанд. Гарчанде ки дар навиштаҳояшон ғалат, хатои имлоӣ бисёранд, як чиз умед мебахшад, ки ба туфайли машқ ва мутолиаи доимии китобҳои бадеӣ ба олами эҷод мумкин аст, ки роҳ ёбанд...

Хонандагони синфи 9 Чарос Ҳамробоева, Рамзия Дӯнабоева, аз синфи 10 Афрӯза Ботурова, Рухсора Дӯнабоева, хонандаи синфи 7 Фаррух Шавқибоев аз ҷумлаи хонандагони эҷодкор мебошанд. Ба ғайр аз ин аъзои маҳфили санъати мусиқӣ Хуррамбек Сарабеков, Ҳасан ва Ҳусан Рустамов, Нурангез Қурбонова ва дигарон бо ёрии устодашон Қувончбек Сарабеков маҳорати худро сайқал медиҳанд. Хонандаи синфи 5 Нигора Қодирова, аз синфи 9 Манзура Мавлонова ва Моҳичеҳра Қурбоноваҳо ба санъати тасвирӣ шавқу ҳавас доранд. Ҳангоми гузаронидани маҳфилҳои «Байтбарак» миёни синфҳо бо ҳамроҳии омӯзгор, роҳбари кор бо ҷавонони мактаб Шоҳрух Қӯнаров аён мегардад, ки хонандагон торафт бештар шеър аз бар мекунанд.

Умед дорем, ки ба туфайли кӯшишу ғайрат ва меҳнати бардавом ба қуллаи мақсуд хоҳанд расид. Зеро бузургон барҳақ фармудаанд:

*Қалам гуфто, ки ман шоҳи ҷаҳонам,*
*Қаламкашро ба мақсад мерасонам.*

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# МУҲАҚҚИҚИ ТАЪРИХИ АДАБИЁТ ВА ОМӮЗГОРИ СОҲИБРАВИЯ

### Ба муносибати 80-солагии адабиётшинос, нависанда ва публитсист Ҳотам Умуров



Ҳотам Умуровро ҷомеаи кишвари мо ҳамчун олими адабиётшинос, муҳаққиқи фидоии таърихи адабиёт ва назарияю амалияи танқиди адабӣ, омӯзгори соҳибравия, муаллифи даҳҳо осори илмӣ-методӣ, дастурҳои таълимӣ ва ниҳоят чун нависандаи хушсухан хуб мешиносанд ва эҳтиром мекунанд. Мактаберо, ки пешгузаштагони ӯ Абдураҳмон Саъдӣ, Иззат Султон, Нуриддин Шукуров, Тӯхта Бобоев, Дилмурод Қуръонов, Эркин Худойбердиев ва Абдулло Улуғов бунёд ниҳодаанд, имрӯз ин марди шариф давом дода ва дар пешрафти он саҳм мегузорад, ки боиси ифтихор ва сарбаландӣ мебошад.

Ҳикмати халқие ҳаст, ки мегӯянд: он чи киштӣ, ҳамон даравӣ. Воқеан ҳам ин марди донишманд, омӯзгори асил, садрнишини маҳфилҳои илмию адабӣ ба ҳикмати падару модари арҷмандаш (руҳашон шод бод!) ва саъю кӯшиши бевоситаи худаш дар давоми умри ҳафтодсолаи бобаракаташ тавонист, ки аз киштаҳои худ ҳосили дилхоҳ ба даст оварад.

Ҳотам Умуров ҳанӯз солҳои аспиранти Институти забон ва адабиёти ба номи Пушкини Академияи фанҳои Ӯзбекистон буданаш истеъдодашро дар самти таҳқиқ зоҳир карда буд ва аз нахустин таҳқиқотҳояш сар карда, донишмандони маъруфе мисли М. Қӯшҷонов, М. Шукуров, Б.Валихоҷаев ва дигарон он касро дастгирӣ ва ба фаъолияти илмиашон баҳои муносиб додаанд. Аз ҷумла, Академик Матёқуб Қӯшҷонов ба нахустин қадамҳои домулло дар илми адабиётшиносӣ ва танқиди адабӣ баҳои баланд дода, андешаҳои ҷиддии Ҳотам Умуровро, сарфи назар аз ҷавониаш эътироф ва китоби пурарзиши «Эъҷози эҷоди бадеӣ»-и ин донишмандро ҳамчун назари мустақил оид ба балоғати тасвир арзёбӣ карда буд.

Профессор Ҳ. Умуров воқеан ҳам яке аз фидоиёни тадқиқу таҳқиқи соҳаи адабиётшиносӣ ва нақди адабии муосири ӯзбек мебошад. Тадқиқотҳои ӯ «Масъалаҳои маҳорат дар танқиди адабӣ» ва «Мушкили равоншиносӣ дар насри ӯзбек» барои ӯ фақат унвонҳои номзадӣ ва доктори илми филологияро савғо наовардаанд. Балки ин тадқиқотҳо, бахусус, рисолаи доктoриаш равиши тозаи инкишофи насри бадеии ӯзбекро кашф ва муаррифӣ кард, ки аз ҷониби аҳли илм бо қаноатмандӣ пазируфта ва қадр карда шуд.

Профессор Ҳотам Умуров узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон аст. Ӯро ҳам барои осори таҳқиқӣ ва танқидиаш дар соҳаи адабиёт ва ҳам фаъолияти бевоситаи нависандагиаш ба узвияти ин ташкилоти баобрӯ қабул кардаанд, ки сазовори ӯст.

Мо дар давоми солҳое, ки гузашт, аз саҳифаҳои матбуот ва китобҳои зиёди ӯ, ки нашр шудаанд, осори ҳаҷвӣ, луқмаву ҳикоёти таълимии ӯро хондаем ва лаззати бадеӣ бурдаем. Дар ин гуна асарҳояш Ҳотамака ба воқеаҳои ҳаёти рӯзмарраи мо нигоҳи танзомези танқидгароёна дорад. Вай бо чашми мушоҳидагар ба ҳодисаву воқеаҳои муҳит нигариста, ноҷӯриҳоеро, ки мебинад, тасвир мекунад. Мақсадаш аз намудани ноҷӯриҳои зиндагӣ, пеш аз ҳама ислоҳи омилҳоест, ки ба зиндагии осуда халал мерасонанд ва монеи пешрафт мешаванд. Аз ин нуқтаи назар, навиштаҳояш мухотаби аниқ доранд.

Ҳикояи ҳаҷвии «Билсалар ҳазил, билмасалар чин» ҳамин гуна рисолат дорад, яъне ислоҳи инсон, ба роҳи камолот ҳидоят кардани ӯст. Мисли «Дакан», «Обком калла» даҳҳо ҳикоя ва луқмаҳои ӯро метавон ном бурд, ки ба хонанда дарси бошарафона зистан меомӯзанд.

Фаъолияти омӯзгорӣ ва тадқиқотии ӯро дар соҳаи таълиму тарбия метавон ба ду давра тақсим кард: якум давраи шӯравӣ аз ибтидои солҳои шаст то давраи истиқлолият ва дигаре аз давраи истиқлолият то имрӯз.

Дар давраи аввали фаъолияташ ӯ дар заминаи дастовардҳои илмии педагогикаи шӯравӣ тадқиқотҳои дар ин соҳа анҷомгирифта як қатор корҳои шоистаро ба анҷом расонд. Ҳотамака илова ба он, ки дар соҳаи таълиму тарбия омӯзгори ботаҷриба ва обрӯманд буд, ҳамчунин фаъолияти амалиаш аз назарӣ ҷудо набуд. Ӯ дар баробари таълиму тарбия аз оғоз ба таълифи рисолаҳо, дастурҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ машғул шуда, як силсила осори пурарзиш ба вуҷуд овард.

Мақола ва рисолаҳои домулло дар боби тарзи таълим дар асоси назарияи омӯзишу парвариши замони шӯравӣ таълиф шуда бошанд ҳам, масъалаҳои назарӣ ва амалии бамиёнгузоштаи муаллиф имрӯз низ кӯҳна нашудаанд. Асарҳои ӯ «Доир ба корҳои тадқиқотии студентон» (1980), «Таҷрибаи фолклоршиносӣ» (1981), «Асрори эҷоди бадеӣ» (1984), «Назарияи танқиди адабӣ» (1987) ва ғайра имрӯз низ барои омӯхтани тарзу тариқи таълими дуруст ва манфиатнок аҳамияти калон доранд. Дар осори дастурии дар замони шӯравӣ таълифкардааш низ муаллиф, пеш аз ҳама ба усулҳои таълиму тарбияи анъанавии миллӣ такя карда, дастурҳои қобили мулоҳизаеро оид ба усули омӯзиши адабиёт ба миён мегузошт. Дар таълифотҳои илмӣ-методиаш домулло аз суннатҳои омӯзишу парвариши мероси ҳадафмандона низ истифода мекард, ки намунаи ин гуна осори ӯро мо зикр кардем.

Давраи дуюми фаъолияти Ҳотамака дар ин самт аз рӯзҳои аввалини истиқлолияти кишвар шурӯъ шуда, то имрӯз идома дорад. Дар ин давра донишманди муҳтарам ва ватандӯст Ҳотам Умуров ба тақозои вақт фаъолияти илмӣ-методиашро ба ҳадафҳои истиқлолхоҳии роҳбари давлат ва сиёсати пешгирифтаи ӯ мутобиқ сохт. Таълифотҳои ӯ дар ибтидои солҳои навад, монанди «Амалиёти адабиёт» (қисмҳои 1 ва 2, 1991), «Усули навиштани лексия» (1996), «Вақте адабиёт ва мусиқӣ якҷо шуд» (1989) ва ғайра дар ҳамин равиш ва бо дар назардошти воқеияти тозаи сиёсии ҳаёти кишвар таълиф ва нашр шудаанд.

Дар маҷмӯъ тадқиқотҳои муаллифро дар ин самт ба се даста метавон ҷудо кард: яке китобҳои дарсӣ, монанди «Эҷоди бадеӣ» (2001), «Назарияи адабиёт» (2002), «Назарияи адабиётшиносӣ» (2004); дигаре осори омӯзишӣ, аз ҷумла, «Адабиётшиносӣ» (2001), «Қоидаҳои адабиёт» (2002), «Асосҳои тадқиқоти илмӣ» (2005), «Мушкили таҳлили психологӣ дар романи А. Қаҳҳор «Сароб» ва ниҳоят осори бахшида ба тарзи таълим, ки иборат аст аз «Усули таҳияи лексия» (1996), «Курси асосҳои эҷоди бадеӣ» (1998), «Лексияҳо оид ба таълими олӣ» (1995) ва ғайра.

Домулло Ҳотам Умуров вобаста ба тақозои замон дар кори ворид сохтани дастовардҳои техникӣ дар таълим низ аз пешкорон аст ва дар ин самт дастурҳое низ таълиф ва нашр намудааст. Аз ҷумлаи чунин иқдомҳои ӯ нашри дарси электронии «Назарияи адабиёт», дарси электронии «Асосҳои тадқиқоти илмӣ» ва ғайра.

Самти дигар ва муҳими фаъолияти Ҳотамака тарбияи кадрҳои илмӣ мебошад. Зери роҳбарии бевоситаи ӯ чандин нафар рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ ҳимоя намуда, дар пешрафти илми филологияи ӯзбек саҳми босазо гузоштаанд. Аз ҷумла, шогирди домулло Файзулло Бойназаров дар мавзӯи «Танқиди адабӣ ва жанри трагедия» рисолаи номзадӣ ва баъдтар бо номи «Шарҳи бадеии шахсияти таърихӣ» (Дар бораи юриши Искандари Мақдунӣ ба Осиёи Миёна дар насри таърихии советӣ), рисолаи докторӣ ҳимоя кард, ки бахусус, тадқиқоти охир дар адабиётшиносӣ бесобиқа аст. Ҳамчунин Ш. Ҳасанов, Э. Қодиров, А. Нурматов, И. Икромов ва дигарон бо роҳбарии бевосита ва ғамхории Ҳотамака рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ ҳимоя намудаанд.

Ҳ. Умуров ба масъалаҳои сабк, яъне дарси назарияи адабиёт ба тарзи сода, фаҳмо бо сароҳият сухан меронад. Академик Б. Валихоҷаев дар тақризе, ки ба китоби дарсии Ҳ. Умуров навиштааст, арзиши онро бо далелҳо собит менамояд.

Ҳамин тариқ, фаъолияти омӯзгории ин донишманд дар макотиби олӣ ва заҳматҳои илмии ӯ дар таълифи китобҳои дарсӣ, дастурҳо ва васоити таълимӣ гувоҳи фидокориҳояш дар соҳаи маориф ва пешрафти назариёти илмии ин соҳа мебошад. Марҳилаи имрӯзаи усули таълиму тарбия дар мактабҳои олӣ ва тадқиқотҳои соҳа, пешрафти мактаби миллӣ ва ба шароити имрӯза мутобиқ кардани он аз бисёр ҷиҳат ба хидматҳои профессор Ҳ. Умуров вобастагӣ дорад.

**Ҷумъа ҲАМРОҲ,**
**мудири кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд, доктори фанҳои филология, профессор.**

*Таърихи диёрро меомӯзем*

# ДИЁРЕ ДАР ОҒӮШИ БОҒҲО

**_Моҳи декабри соли гузашта дар толори мактаби мусиқӣ ва санъати ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё тақдимоти китоби Акбархон Бобоев "Диёре дар оғӯши боғҳо" ё "Шаҷараи тоҷикони ҳардурӣ" шуда гузашт, ки дар он ҳокими ноҳияи Деҳқонобод Зоир Алиқулов иштирок кард._**




– Мавзеи Боғучорбоғи ноҳияи Деҳқонобод, ки номи таърихиаш Танги Ҳарам аст, дарҳақиқат маскани олимону шоирон, нависандагону санъаткорон ва саховатпешагон аст. Номҳои Ҳазрати ҳоҷӣ Умархон Ибни Бобохон ва фарзандони он ҳазрат – ҳоҷӣ Асрорхон Умархонов ва ҳоҷӣ Акбархон Бобоевҳо, Эшниёз-мударрис, Мулло Менглимуҳаммад Охунд, Домулло Файзулло, Миср Эшниёзов, Субҳон Амирқулов, Абдурасул Эргашев, Ҷумъақул Ҳамроев, Ғайрат Раҳимқулов, Абдувалӣ Ҳаитов, Рӯзман Бердиев, Чоршанбеи Деҳнавӣ, Карим Тошқулов, Шайман Қорақулов, Шамсиддин Норқулов, Асадулло Шаматов, Сайфулло Бекназаров, Мӯъмин Бердиев, Нортоҷӣ Ҳамроевҳо барин фарзандони асили зодаю парвардаи ин диёри зархезанд. Номбурдагон дар ана ҳамин диёри қадима ба дунё омадаанд, ба воя расидаанд ва ба рушди илму фарҳанги Ӯзбекистон ва Тоҷикистон саҳми босазое гузоштаанд ва мегузоранд, – гуфт З. Алиқулов.

Чанде пеш таърихнигор Акбархон Бобоев китоби номбурдаро ба ман тухфа кард. Китобро бо эҳтиром ба даст гирифта, варақ гардонда ба ин инсони фидоӣ, ки бо як заҳмату машаққати тӯлонӣ чунин як асари гаронбаҳоро навишта, ба мо пешкаш кард, ба эшон миннатдории хешро изҳор кардам. Китоб, ки ба таърихи мавзеи Боғучорбоғ ва аҷдоди он – тоҷикони ҳардурӣ бахшида шудааст, аҳамияти тарбиявӣ дорад. Ҳардуриҳо бо қавми қӯнғирот дар ин диёри зархез аз қадим дӯстона зиндагӣ мекунанд, ки расму оин ва анъанаҳои миллии онҳо муштараканд ва аз як дарё об менӯшанд ва дар атрофи як дастархон нишаста нон мехӯранд, тӯю сур ва идҳои худро якҷоя мегузаронанд, ки басо муфид аст.

Мудири кафедраи забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии Самарқанд, профессор Ҷумъа Ҳамроев чунин изҳори ақида намуд:

– Ин китоб, ки дар ҳаҷми 730 саҳифаи ранга аз нашр баромадааст, салоҳияти илмию фарҳангӣ дорад. Дар он оиди таърихи қавми ҳардурӣ, ки як гурӯҳи алоҳидаи этникии халқи тоҷикро ташкил мекунад, маълумот дода шудааст.

Сипас, омӯзгори Донишгоҳи давлатии Самарқанд, номзади фанҳои филологӣ Хайём Мирзоев, ходими шуъбаи таълими халқи ноҳияи Деқонобод Ӯктам Тошбоев, муҳаррири газетаи "Овози Деҳқонобод" Э. Махсумов, саховатпеша Сайфулло Бекназаров ва дигарон баромад карда, аҳамияти илмии китоби муъҷазро баён карданд.

Муаллифи китоб Акбархон Бобоев аз тарафи ҳокимияти ноҳияи Деҳқонобод, шуъбаи таълими халқ ва соҳибкорони номӣ бо мукофотҳо рағбатнок карда шуд.

Инчунин, Акбархон Бобоев ба узвияти фахрии Маркази миллии маърифат ва санъати тоҷикони Бойсун пазируфта шуд.

**Ғаффор НОРБОЕВ,
раиси Маркази миллии маърифат ва санъати тоҷикони ноҳияи Бойсун.**

---

**_Як ҳафта пеш, дар арафаи иди Соли нав ҳокими вилояти Ҷиззах Эргаш Солиев ба хонаводаи иштирокчиёни Ҷанги дуюми ҷаҳон рафта, табрики Президент, нишони сарисинагии «Ӯзбекистон Республикаси Мустақиллигининг 30-йиллиги», сертификат барои доруву дармон бо қимати як миллион сӯмина ва тухфаҳои гаронбаҳоро ба соҳибонаш тахти оҳанги мусиқии оркестри ҳарбӣ супорида буд._**

# МУШКИЛИҲО ҲАЛЛИ ХУДРО МЕЁБАНД

Дар ҳамон рӯзҳо ба аҳолии ниёзманди маҳаллаҳои шаҳри Ҷиззах низ кумаки якдафъаинаи моддӣ расонида шуд.

Зимни вохӯрӣ ва мулоқот аҳолии ба кумак мӯҳтоҷи маҳаллаҳои шаҳри Ҷиззах масъалаҳои гуногун, ба мисли таъмир намудани хонаву ҷой, пардохти пули хидматҳои коммуналӣ, барои беҳ сохтани сиҳатиашон ёрӣ расонидан ва ғайраро ба миён гузошта буданд.

Ҳокими вилоят баҳри ба зудӣ ҳал намудани ин қабил мушкилиҳо ба ҳокими шаҳри Ҷиззах Комил Холмуродов супоришҳои мушаххас дод.

Инак, қарзи истиқоматкунандаи маҳаллаи Нурлиободи шаҳри Ҷиззах Малоҳат Норбоева аз гази табиӣ, ки ҳашт миллион сӯмро ташкил медод, пардохт гардид. Боз ба бошандаи ҳамин маҳалла Шаҳноза Исмоилова плитаи газ тухфа карда шуд.

**Анорбой НАЗАРОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

---

*Ба ҷойи табрик*

# БЕҲТАРИН КАС КАСЕ БУВАД...



Инсон дар давоми умри худ бо хислатҳои инсонпарварона ва корҳои некаш дар байни мардум маҳбубият пайдо мекунад. Яке аз чунин инсонҳои накӯкор Карим Тошқулов мебошад. Карим Тошқулов зодаи ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё буда, Институти санъати Тоҷикистонро хатм кардааст. Баъди хатми донишкада фаъолияти худро ҳамчун директори Хонаи маданияти ноҳия оғоз намудааст. Дертар бори роҳбарии мактаби мусиқӣ ва санъати рақами 5-умро бар дӯш дошт.

К. Тошқулов дар давоми фаъолияташ саъю кӯшиш мекард, ки донишу маҳорати худро ба шогирдонаш омӯзонад. Дар ҳаёт шахси хоксор, одӣ ва самимӣ буда, осори ниёгонро ба худ дарси ибрат медонад. Аз асарҳои таълифнамудааш эҳтиром ба аҷдоди бузург, урфу одат, арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ, тараннуми зодгоҳ эҳсос мегардад. Муаллим мутакаббиру суханчин ва молпарастонро бад мебинад, вале бо ҳама муросову мадоро мекунад. Ин байтҳои бобои бузургаш Абдураҳмони Ҷомӣ шиор ва мароми зиндагии ӯянд:

*Эй, ки пурсӣ,*
*ки беҳтарин кас кист,*
*Гӯям аз қавли*
*беҳтарини касон.*
*Беҳтарин кас касе*
*бувад, ки зи халқ,*
*Беш бошад ба халқ*
*нафърасон.*

– Вақти кору фаъолият дар мактаби мусиқӣ, дастпарварони таълимгоҳ дар озмунҳои сатҳи вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ ҷойҳои аввалро ба даст даровардаанд. Тибқи талаби замон биной нави мактаби мусиқӣ сохта шуда, бо таҷҳизоти зарурӣ ва асбобҳои мусиқӣ муҷаҳҳаз гардид. Насли ҷавон бояд донад, ки аҷдоди ӯ урфу одат, арзишҳои миллӣ ва санъату мусиқии нодир дорад, – мегӯяд Тошқулов.

Маҷмӯаҳои шеърии ӯ бо номҳои «Мадҳи Ватан», «Оҳангҳои дил», «Кишвари биҳиштосо», «Орзуи дил» ба дасти хонандагон расидаанд. Тошқулов муаллифи китоби таърихию этнографии «Деҳқонободи бостонӣ ва ҷавон» низ мебошад.

Ба наздикӣ хонандагон китоби нави ӯро бо номи «Диёри обод», ки шеърҳои ӯзбекию тоҷикиашро дар бар мегирад, дастрас намуданд. Накши марказҳои фарҳангии миллӣ дар эҳёи урфу одат, анъана, арзишҳои миллӣ, ривоҷу равнақи забони модарӣ назаррас аст. Тоҷикони Деҳқонобод низ хостанд чунин як марказ дошта бошанд. Ба ин мақсад гурӯҳи корӣ ташкил карда шуд. Дар ҷамъомаде, ки зиёиён, аҳли маориф ва фаъолони ноҳия соли 2019 баргузор намуданд, бо як овоз Карим Тошқуловро раиси Маркази маданӣ-миллии тоҷикони ноҳия интихоб намуданд.

Тӯли ду сол маркази мазкур таҳти роҳбарии ин марди ташкилотчӣ ва чашмикордон хеле корҳоро анҷом дод. Дар чорабиниҳое, ки бо иштироки марказҳои миллӣ баргузор мешуданд, борҳо либосу таомҳои миллии тоҷикӣ ба намоиш гузошта шудаанд.

Худ ва фарзандонаш, ки аз ҳунармандони касбианд, ҳар як чорабинии фарҳангиро бо савту сурудҳои дилнишини тоҷикӣ шукӯҳи тоза мебахшанд.

Карим Тошқулов хуб медонад, ки мактабҳои тоҷикӣ ба китобу дастурҳои хониш ва кадрҳои педагогӣ ниёз доранд. Агар аҳли маориф, омӯзгорон ва падару модарон аз як гиребон сар бароранд, ин масъалаҳо ҳалли худро меёбанд.

Соли 2020 дар ҳаёти Карим Тошқулов, ки моҳи январи соли равон по ба зинаи 70-уми умр мегузорад, ҳодисаи фаромӯшнопазир рӯй дод. Ӯро ба узвияти Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон қабул карданд.

Ӯ бо нишонҳои сарисинагии «Аълочии таълими халқ» ва «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон» тақдир шудааст.

***Дар акс: Карим Тошқулов*** *(аз чап якум) дар ҳалқаи фаъолони маркази фарҳангӣ.*

**С. БЕКНАЗАРОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».**

---

**_Ӯткур ҲОШИМОВ,_**
**Нависандаи мардумии Ӯзбекистон**

# БАХТ

*(Ҳикоя)*

**(Охираш. Аввалаш дар шумораи гузашта).**

Мунира дар назди рӯҳи модар қасам хӯрд, ки Сайёра заҳри ятимӣ ва бекасиро нахоҳад чашид. Бо хушкидани рӯде дарё бе об намемонад. Умр бо роҳу пайроҳаҳои худ мегузашт. Рӯзу моҳҳо гузаштанд, сол омад. Рӯзе Зокир изҳор дошт:

— Падару модар маро ба ҳолам намегузоранд. Бояд тараддуди тӯйро бинем.

Мунира дар байни ду роҳ монд. Сайёраро ба саробонии кӣ мегузорад? Магар мешавад духтари шонздаҳсоларо дар чорсӯйи зиндагӣ танҳо гузошт? Мунира ҳақиқати ҳолро пинҳон накард.

— Хоҳарам наметавонад дар танҳоӣ ба сар барад. Ман ба модарам ваъда додаам, ки ӯро саробонӣ мекунам.

Аз байн як соли дигар гузашт. Онҳо ҳамоно бо ёди якдигар ба сар мебурданд. Дар дили Мунира ваҳм лона гузошта буд. Вақте бо Зокир вомехӯрд, дилаш бо эҳсосе маҒшуш метапид.

Вақте Сайёра мактабро хатм кард, Зокир такрор фикри тезондани тӯйро ба миён гузошт. Мунира гуфт:

— Хоҳарам ба донишкада имтиҳон супурданист. Донишҷӯ шавад, баъд...

— Баъд чӣ? — гуфт Зокир бо шиддат.

— Баъд... — як андак ист кард Мунира.

Зеро худ намедонист, ки баъд чӣ мешавад. Ҳаминро медонист, ки то Сайёраро ба шавҳар надиҳад, дилаш таскин намеёбад.

— Охир ман наметавонам хоҳарамро бо худ ба хонаи шумо барам, — гуфт ӯ ба Зокир.

Зокир ғайричашмдошт шӯрид:

— Чӣ, ту бо ман ба сар мебарӣ ё ҳамроҳи хоҳарат? Охир хоҳарат барои ту зиндагӣ намекунад!

— Чӣ кунам, — гуфт Замира сар ба поин афканда. — Роҳи дигар нест.

— Ман низ роҳу имкони дигар надорам. Дар сар фикри хонадомодшавӣ низ нест. Солам аз сӣ гузашт. Мардум маломат мекунанд.

Мунира ба ӯ нигаристу дар чашмони шарарбораш, ки гоҳо шабҳо ба хобаш медаромаданд, оташи ғазабро дид. Чароғи умедаш афсурд. Худро дошта натавонист:

— Туро ҳеч кас дошта наистода аст. Метавонӣ биравӣ!

Бо ҳамин ба ҳамааш нуқта гузошта шуд. Шабҳо кӯрпаро ба сараш кашида, худро аз гиря боздошта наметавонист. Зокирро чанд бор аз дур дида дилаш ба тапидан даромада бошад ҳам, ба ӯ қаробат наҷуст. Дертар шунид, ки охири тирамоҳ бо дигаре издивоҷ кардааст.

Дар кунҷу бурҷи ҳар диле нируе бо номи сабр вуҷуд доштааст. Мунира сабр кард. Вай наметавонист бори гуноҳро ба дӯши Зокир гузорад.

Сайёра донишҷӯ шуд. Зокир гапи ҳақро гуфта будааст. Сайёра «собит намуд», ки барои Мунира зиндагӣ намекунад. Дар оғози баҳор Munираро ба оғӯш кашида, инони гиряро сар дод:

— Кор аз кор гузашт, апаҷон, бояд ба шавҳар бароям. Вагарна...

Мунира фаҳмид, ки Сайёра агар издивоҷ накунад, ҳам ба ӯ ва ҳам ба донишҷӯйи курси се, ки онҳо дар мавсими пахтачинӣ якдигарро ёфта буданд, хуб намешавад. Арӯсиҳои бо умеду орзуҳои ширин ҷамъкарда — ангуштарину гилем ва чинивориҳояшро ба хоҳараш бахшид. Дар фикри он буд, ки аз дурахшидани ситораи толеи хоҳараш рӯҳи модар шод мегардад. Ба қавле, дар тӯй даст ба дасташ нарасида хидмат кард. Танҳо вақте ҷӯраҳои домод суруди «Тӯй муборак шавад»-ро ба хондан шурӯъ карданд, Зокир аз пеши назараш дур нашуд. Тоқаташ тоқ гардид, ғайриихтиёр, селоби сиришк руйи дидагонаш шорид.

Мунира, баъди ба шавҳар додани хоҳараш, бештар дар банди хаёл мегашт, аз дигарон канора меҷуст. Вақте ба нишастҳо мерафт, чунин ба назар мерасид, ки дугонаҳояш сӯйи ӯ имову ишораҳо доранд. Дар мавриди хушгӯйиҳояшон ба ӯ, фикр мекард, ки вай ятим асту онҳо ба раъяш менигаранд. Тасаллии ягонааш кор буд. Ҳастияшро ба кору пешааш бахшид. Бо меҳнати ҳалол обрӯ ёфт. Танҳо як гӯшаи дилаш холӣ буд. Гӯё Зокир номашро ба лавҳи дили Мунира ҳак карда, ғайб зада буд. Ҳар рӯз ҳамон «ҷойи ҳакшуда» як бор сих мезад.

... Барилова, хоҳараш ба ғаму ташвишаш афзуд. Баъзе духтарон мисли дарахти бодоманд. Барвақт гул мекунанду гулашонро сардиҳои ҳанӯз аз байн нарафта мезанад. Сайёра, вақте дар курси сеюм мехонд, бо духтараки якунимсолааш гирёну нолон аз дар даромад. Шавҳараш, баъди хатми донишкада, хостааст, ки ӯро бо худ ба зодгоҳаш барад. «Бисёр хуб, — гуфт Мунира, — шавҳар дар ҳар ҷо сукунат ихтиёр кунад, зан бояд бо ӯ бошад!». «Марг ба ин гуна шавҳар! — гуфт хоҳараш як андак ором гирифта, — дар деҳа низ зан доштааст. Гуфт, ки: «Хоҳӣ бо ман меравӣ, нахоҳӣ, чор тарафат қибла!».

Мунира ҳамон рӯз бори нахуст ба рӯйи хоҳараш торсакии обдоре зад. Заду худро аз гиря боздошта натавонист. Ҳамон бегоҳ модарашро хоб дид. Аз чӣ бошад, ки модараш ба сари ӯ дасти навозиш ниҳода буд. Дастонаш нарму гарм буданд...

... Сайёра рӯзи дигар бисоташро бардошта ба хона омад. Аҷиб, бепарво буд, аз ин ҷудоӣ сӯзише дар дил надошт. Баъди хатми донишкада ба кор шурӯъ кард.

Мунира бо духтараки ӯ — Нилуфар бастагие пайдо кард. Вижвижаку бижбижак, ҷойи он ки ба дунболи модар равад, ба Мунира часпид. Вақте аз дар медаромад, сухани авалаш ин буд: «Очаҷон!» Сипас дастони кӯчакашро дар гардани ӯ ҳалқа мекард. Мунира дар ин лаҳзаҳо аз он меандешид, ки ба рӯйи ӯ низ имкони хандидани бахт вуҷуд доштаасту ӯ аз даст додааст.. Аз ин рӯ, хаёлан дар канораш бозӣ кардани кӯдаки дар орзуяш бударо пеши назар меоварду бо пазмонии зиёд ба Нилуфар менигарист. Аҷиб, ҳар боре, ки соли нав меомад, вай дар ин хусус меандешид...

Кӣ медонад, шояд оянда офтоби бахт тулӯъ мекунад. Инак, садои занги соат даҳ маротиба баланд шуд. Пас, баъди ду соат — Соли нав.

Нилуфар магар бедор шуд, ки ғиҷиррос задани сими каташ ба гӯш расид. Баъди фурсате дар бесадо боз шуду духтарак бо мӯйҳои пареш, дар ҳолате ки бо дастони кӯчакаш чашмонашро мемолид, аз хонаи дарун баромад. Ба арчае, ки дар кунҷи хона қарор дошт, нигаристу садо баланд кард:

— Оча, чӣ магар Бобои Барфӣ омад?

Мунира хандида гуфт:

— Бале, омад.

— Фурӯзонакҳои арчаро худаш даргиронд?

— Мебинӣ, ки фурӯзонанд, балоча! Бобои Барфӣ даргиронду рафт. Ва гуфт: «Вақте Нилу аз хоб хест, бигузор, хурсанд шавад». Мунира ин гуфт ва аз дасти духтарак дошта афзуд:

— Биё, акнун дасту рӯ мешӯем, оши палавамон пухтааст.

Нилуфар ду-се қадам пеш гузошту истод ва ғайричашмдошт гуфт:

— Ба шумо Бобои Барфӣ чӣ овард?

— Ба ман?.. — Мунира як андак андешид. — Ба ман... Бахт овард.

Нилуфар изҳори норозигӣ кард:

— Чаро маро бедор накардед?

Мунира дид, ки духтарак ранҷидааст, ӯро ба оғӯш кашид.

— Агар бедор будӣ, чӣ мекардӣ?

— Ман низ аз Бобои Барфӣ бахт металабидам.

Мунира хандид ва гуфт:

— О, пуҷуқак-е, бахтро чӣ мекардӣ?

— Ба шумо медодам, — гуфт духтарак чашмонашро калон кушода. — Бигузор, бахти бузурге насибатон гардад.

Дили Мунира ба тапиш даромад. Духтаракро ба оғӯш кашида, аз ду рӯяш мебӯсиду пеши селоби ашкро, ки рухсораҳояшро мешуст, гирифта наметавонист. Бад-ин тариқ, як муддат бесадо ашк рехт. Худ намедонист, ки ин ашки шодӣ буд ё афсӯсу пушаймонӣ...

Ин ҳангом дар пушти дар Соли нав ангушт задан дошт. Соли наве, ки ба покдилон бахт ҳадя карданист, дуоҳои беолоиши кӯдаконро мустаҷоб гардонданист...

Корвони умр бошад, ба роҳаш идома дошт.

**Аз забони ӯзбекӣ
тарҷумаи А. СУБҲОН.**

---

*Обуна – 2022*

## БАРОИ ПОЙДОРИИ ЗАБОН

**Ҳамдиёрони сарбаланду баорияти Сӯх!**

**Мо таърихи ҳазорсолаҳо дорем ва дар ҳар кадом даври замон урфу одат, анъанаҳои милливу мероси ниёгони худ ва пеш аз ҳама, забони модарии худро гум накардаем. Эҳтиромамонро низ аз поймолшавӣ эман дошта, ифтихори миллиамонро ҳифз карда метавонем.**

**Боиси хушнудӣ ва сарбаландии мост, ки рӯзномаи ҷумҳуриявӣ бо номи «Овози тоҷик» дорему дар он ҳароина акси худро мебинем ва ба сурату сирати худ баҳо медиҳем. Бинобар ин ба он обуна шудану ҳамасола хондан вазифаи ҳар кадоми мост.**

**Пас, биёед, баҳри пойдориву устувории забонамон ва ҳастии рӯзномае, ки ҳаёти ҳамарӯзаи моро ба забони ноби мо равшан мекунад, ҳамҷону ҳамдил бошем ва ба он бо ҳисси баланди миллӣ обуна шавем!**

**Субҳон ИСОЕВ,
хонандаи доимии рӯзнома аз вилояти Фарғона.**

---

*Дар муассисаҳои таълими томактабӣ*

# ЭЪТИБОР БА БАЧАГОН – ЭЪТИБОР БА ОЯНДАИ МАМЛАКАТ

**_Мо ҳамон рӯз ба маркази ноҳияи Бухоро – шаҳраки Галаосиё бо мақсади обуна омада, ба як қатор идора, ташкилоту корхонаҳо сар халондем. Ҳангоме ки ба шуъбаи таълими томактабии ноҳия омадем, бо мудири шуъба Нуралӣ Содиқов дар дафтари кориаш шинос шудем. Гуфтан ҷоиз аст, ки тақрибан навад фоизи аҳолии ноҳия дар хонаву кӯча мисли аксарияти мардуми вилоят ба забони модарии худ – тоҷикӣ ҳарф мезананд. Аз ин рӯ табиист, ки суҳбати мо бо вай ба забони модариамон сурат гирифт._**

Аён шуд, ки Нуралӣ Ҷабборович зодаи деҳаи Боғикалони ноҳия буда, баъди хатми литсеи ба забони англисӣ ва таърих ихтисосонидашудаи рақами 1 дар факултети таърих ва ҳуқуқшиносии Донишкадаи давлатии омӯзгории Навоӣ таҳсил гирифтааст. Фаъолияти меҳнатиашро дар ҳамон таълимгоҳе, ки он ҷо сабақ омӯхта буд, ҳамчун омӯзгор сар кард.

– Ҳоло дар ноҳияи мо 12188 нафар бачагони синни таълими томактабӣ, яъне 3-7-сола мавҷуд буда, 8166 нафари онҳо (67%) ба боғча ҷалб шудаанд. Дар тасарруфи шуъбаамон имрӯз ҷамъ 97 муассисаи таълими томактабӣ (33 давлатӣ, 64 нодавлатӣ, аз ҷумла 4 хусусӣ, 7 шарикии хусусию давлатӣ, 53 оилавӣ) фаъолият дошта, дар онҳо 1181 нафар бо кор таъмин шудаанд. 484 нафари кормандонро мутахассисони соҳа ташкил намуда, 313 нафари онҳо соҳиби маълумоти олӣ мебошанд. Масъалаи ба боғча ҷалб кардани беш аз 4000 нафар бачагони боқимонда моро ба ташвиш овардааст. Азму кӯшиш дорем, ки ин рақамро коҳиш дода, микдори ба боғча ҷалбшудагонро ба 75 фоиз расонем, – огоҳ намуд мудир.

**– Барои пурратар ҳал намудани ин масъала чӣ бояд кард?**

– Боғчаҳои нав сохтан лозим, – ҷавоб дод вай.

**– Маълум аст, ки имрӯз дар ноҳия ҷараёни таълиму тарбия дар муассисаҳои таълими томактабӣ ба забонҳои ӯзбекию русӣ сурат мегирад. Донишманде беҳуда нагуфтааст:**

***Ҳар кӣ ба забони худ сухандон гардад,***
***Донистани сад забонаш осон гардад.***

**Оё дар боғчаҳо имконияти ба забони модарии бачагон – тоҷикӣ ташкил кардани гурӯҳҳо мавҷуд нест?**

– Аввал ин, ки гурӯҳҳо дар муассисаҳои таълими томактабӣ дар асоси тавсияи маҳаллаҳо созмон меёбанд, яъне бобати ба забони модарии тоҷикӣ ташкил кардани гурӯҳҳо то ҳол ба мо аризае нарасидааст. Аз тарафи дигар, азбаски қисми зиёди бачагон дар муҳити оила тоҷикӣ ба воя мерасанд, хоҳу нохоҳ дар гурӯҳҳо то забони давлатиро омӯхтани онҳо тарбиятгарон низ бо эшон ба ду забон ҳарф мезананд.

**А. АВЕЗОВ,
мухбири «Овози тоҷик»
дар вилояти Бухоро.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-125. Адади нашр 785 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тӯхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 00.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд,
кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83;
Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.